آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

17 январи соли 2024
Чоршанбе
№ 5 (15016)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ИТТИҲОДИ АВРУПОРО ҚАБУЛ КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 16 январ ҳайати вакилони Иттиҳоди Аврупо бо сардории ноиби президенти Комиссияи Аврупо Маргаритис Схинас қабул кард.**



Дар оғози суҳбат намояндаи воломақоми Иттиҳоди Аврупо ба муносибати 30-солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Иттиҳоди Аврупо ва Ӯзбекистон самимона табрик гуфта, ба сарвари давлатамон саломи гарму самимӣ ва орзуҳои неки сарвари Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Ляйен ва раиси Шӯрои Аврупо Шарл Мишелро расонд.

Масъалаҳои тавсеаи минбаъдаи шарикии бисёрҷанба бо Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шуданд.

Ба таври қобили мулоҳиза густариш ёфтани ҳамкориҳо дар солҳои охир бо қаноатмандӣ қайд карда шуд. Сафари Президенти Шӯрои Аврупо Шарл Мишел ба Ӯзбекистон, ду мулоқоти сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо ва Конфронси Самарқанд оид ба робитаҳои байниҳамдигарӣ бомуваффақият баргузор гардид.

«Харитаи роҳ»-и муштарак оид ба амиқсозии равобити байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ татбиқ мегардад. Оид ба ташкили ҳамоиши якуми «Осиёи Марказӣ – ИА» дар Ӯзбекистон кор идома дорад.

Дар охири моҳи январ Форуми бузурги сармоягузорон дар Брюссел баргузор мешавад, ки ҳадафи он таҳкими робитаи нақлиёт ва коммуникатсияи байни ду минтақа мебошад.

Ҳаҷми савдои мутақобилаи байни Ӯзбекистон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо босуръат афзоиш ёфта, соли гузашта 30 дарсад афзоиш ёфтааст.

Дар соҳаҳои баландтехнологии иқтисодиёт бо иштироки ширкатҳои пешбари аврупоӣ лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ татбиқ карда мешаванд. Муҳлати амали сабукиҳои тиҷоратии ИА барои Ӯзбекистон дароз карда шуд.

Инчунин оид ба масъалаҳои мубрами минтақавӣ, аз ҷумла оид ба расонидани кумакҳои башардӯстона ба Афғонистон табодули афкор сурат гирифт.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# ВАЗИФАҲОИ АВВАЛИНДАРАҶА БОБАТИ ТАЪМИН СОХТАНИ ЭЪТИДОЛИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ БАРРАСӢ ШУДАНД

**Таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев 16 январ машварати видеоселекторӣ бинобар вазифаҳои аввалиндараҷаи таъмин кардани эътидоли макроиқтисодӣ ва рушди иқтисодиёт дар соли 2024-ум баргузор шуд.**

Соли гузашта рушди иқтисодӣ дар кишвари мо 6 фоизро ташкил дод. Аз ҷумла, дар саноат афзоиш 6 фоиз, дар соҳаи хидматрасонӣ 6,8, дар сохтмон 6,4, дар хоҷагии қишлоқ 4,1 фоиз қайд гардид.

Соли равон ҳадди ақалл 6 фоиз зиёд кардани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва то ба 100 миллиард доллар расондани он ба нақша гирифта шудааст.

Дар машварат вазифа ва чораҳои зарурӣ дар самти мазкур баррасӣ шуданд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки барои ин тақозо мегардад, ки дар навбати аввал кормандони маҷмӯи иқтисодие, ки дар сафҳои аввалини ислоҳот қарор доранд, беш аз пеш кор кунанд.

Чунончи, бо назардошти афзоиши ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ арзиши иловагии маҳсулот аз 40 фоиз зиёд намегардад. Ин асосан ба тобеият аз воридот, истеъмоли баланди энергия ва харҷҳои аз ҳад зиёд алоқаманд аст.

Вобаста ба ин муайян карда шуд, ки соли 2024-ум барои роҳбарони маҷмӯи иқтисодӣ ва тамоми корхонаҳои давлатӣ бояд соли самаранокӣ ва коҳиш додани боздоштҳо гардад. Дар мисоли як қатор соҳаҳо имкониятҳои коҳиш додани харҷ аз ҳисоби муътадил сохтани харидҳо ва логистика, сарфаи захираҳои энергетикӣ ва рақамикунонӣ таҳлил карда шуданд.

Маҷмӯъро лозим аст, ки соли равон арзиши иловагиро ба дараҷаи 45 фоиз зиёд кунад, арзиши аслиро 15 фоиз коҳиш диҳад, рушди соҳаҳои бузург ва умуман саноатро 7 фоиз таъмин намояд.

Пешниҳод гардид, ки фаъолияти роҳбарони соҳаи иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои моҳона, семоҳа ва солонаи нишондиҳандаҳои самаранокӣ (KPI) вобаста карда шавад, миқдори муовинон таҷдиди назар гардад.

Дар машварат масъалаи интизоми молиявӣ махсус мавриди назар қарор гирифт.

Соли гузашта баъзе корхонаҳои давлатӣ натавонистанд ба буҷа 8 триллион сӯм дивиденд ва андозҳоро пардохт кунанд. Дар вилоятҳои Сирдарё ва Ҷиззах даромадҳои андоз 20 фоизро ташкил дод, дар вилоятҳои Хоразм, Бухоро ва Қашқадарё ин нишондиҳанда ҳатто ба 7 фоиз нарасид.

Ин гуна нуқтаҳо аз камбудӣ дар кори роҳбарон ва муовинони шуъбаҳои андози ҳудудӣ, андозситонҳои маҳаллаҳо шаҳодат медиҳад. Бинобар ин зарурияти таҷдиди назар кардани низоми андоз ва муайян сохтани самтҳои нав таъкид гардид.

Самти нахустин – вазифаҳо бобати кор бо 40 ҳазор ташкилоти буҷавӣ мебошад, ки аз ноҳияҳо ба созмони навтаъсиси Инспексияи буҷавии байниноҳиявии назди Кумитаи андоз дода мешаванд. Инспексия куллан рақамикунонида мешавад ва ба низоми электронии Хазинадорӣ табдил дода хоҳад шуд.

Самти дувум – дар кумита ҳамчунин Инспексияи байниноҳиявӣ бобати ситондани қарздории андоз ташкил карда хоҳад шуд. Ба он ваколатҳое дода мешаванд, ки ба зиммаи Бюрои иҷрои иҷборӣ ҳастанд. Ба шарофати ин имконпазир мегардад, ки дар маҳаллаҳои ноҳияҳо боз 200 корманди мақомоти андоз ҷалб карда шаванд.

Самти сеюм – ташкил кардани низоми махсус бинобар кор бо 80 корхонаи бузург ва 35 банки тиҷоратист, ки 50 фоизи даромадҳои андози ҷумҳуриро таъмин мекунанд. Барои ин дар ҳайати Инспексияи оид ба андозсупорандагони бузург сохтори нав ташкил карда мешавад, ки бо Вазорати иқтисод ва молия ҳамкорӣ хоҳад кард.

Ба зиммаи Вазорати иқтисодиёт ва молия бинобар таъмин кардани даромадҳои саривақтии андоз ва пешгирӣ намудани бидуни асос зиёд намудани хароҷоти корхонаҳо вазифаҳо гузошта мешаванд.

Вобаста ба соҳаи гумрук қайд карда шуд, ки соли гузашта ҳангоми боркашонӣ аз хориҷа имтиёзҳо дар ҳаҷми тақрибан 60 триллион сӯм истифода шуданд, вале таҳлили самаранокии онҳо гузаронида нашуд. Вобаста ба ин супориш дода шуд, ки тамоми молҳое, ки бо режими преференсиалӣ кашонда шудаанд, омӯхта шавад.

Боз як манбаи даромад барои буҷа хусусигардонӣ ва фурӯши заминҳо бо аукцион ба шумор меравад. Вале 484 активҳои давлатӣ, ки ба барномаи хусусигардонӣ ворид карда шудаанд, ба фурӯш гузошта нашуданд.

Ба Девони Вазирон супурда шуд, ки камбудиҳоро аз байн бардорад ва барномаи нави хусусигардониро, ки ба таъмин сохтани даромади 20 миллион сӯм дар соли равон нигаронида шудааст, тайёр кунад.

Соли гузашта аз фурӯши заминҳо 1 триллион сӯм маблағ ворид гардид, 12 ҳазор лоиҳаҳои нав ба миён омаданд. Ба мақсади вусъат додани ин кор дар назди шахсони масъул вазифа гузошта шуд, ки то охири сол мастер-нақшаҳои 70 ноҳия ва соли оянда тамоми ноҳияҳо коркард шавад.

Алҳол яке аз масъалаҳои рӯзмарратарин ин иқтисодиёти пӯшида ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мубодилаи ҳаҷми калони маблағ дар соҳаи хидматрасонӣ, сохтмон ва саноат «пинҳон» боқӣ мемонанд.

Роҳбари давлати мо изҳор дошт, ки иқтисодиёти пӯшида барои рақобати ҳақиқӣ ва фаъолияти соҳибкорони боинтизом монеа ба шумор меравад, ӯ чораҳои бартарафсозии иловагии онро мушаххас намуд.

Ҳоли ҳозир 14 мақомот бо мубориза ба муқобили иқтисодиёти пӯшида ва ҷинояткории иқтисодӣ машғул мебошанд. Ба мақсади ҳамоҳанг сохтан ва пурзӯр намудани фаъолияти мазкур ваколати Департаменти мубориза ба муқобили ҷинояткории иқтисодии назди Прокуратураи генералӣ вусъат дода хоҳад шуд.

Департамент бо воситаҳои замонавитарин ва мутахассисони соҳибтаҷриба таъмин карда хоҳад шуд, дар назди он марказҳои илмию таҳлилӣ ва таълимӣ кушода мешаванд. Дар ин маврид дар Прокуратураи генералӣ раёсати махсус бинобар иқтисодиёти пӯшида ва шуъбаҳои минтақавии он созмон дода хоҳад шуд.

Дар машварат ҳамчунин масъалаи самаранокии харҷҳои буҷавӣ муҳокима шуданд.

Соли гузашта харҷҳои ғайриқонунӣ ба миқдори 1,2 триллион сӯм, ҳамчунин норасоӣ ва ғорат дар ҳаҷми 200 миллиард сӯм ошкор гардиданд. Маблағҳое, ки барои барномаи соҳаҳои нигаҳдории тандурустӣ ва кишоварзӣ ҷудо карда шудаанд, пурра истифода нагардиданд. Ҳамчунин ҳодисаҳои додани музди меҳнат барои ходими мавҷуднабуда ё худ амалан кори иҷронашуда, гирифтани ссудаи ғайриқонунӣ ва пардохти мукофотпулиҳо ба қайд гирифта шуданд.

Вобаста ба ин фаъолияти Инспексияи давлатии назорати молиявии назди Вазорати иқтисодиёт ва молия ғайриқаноатбахш дониста шуд. Бобати ба Департаменти оид ба мубориза бо ҷинояткориҳои иқтисодии Прокуратураи генералӣ додани сохтори мазкур қарор қабул гардид.

Барои назорати дурустии хароҷоти 313 триллион сӯм, ки дар буҷаи соли равон пешбинӣ шудааст, вазифа гузошта шуд.

Масъалаи коҳиш додани муфлисӣ низ аз вазифаҳои рӯзмарра ба шумор меравад. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда муфлисӣ соли гузашта аз 9 фоиз зиёд нагардид.

Таъкид шуд, ки муфлисии озуқавориро метавон танҳо аз ҳисоби зиёд кардани истеҳсоли хӯрокворӣ пешгирӣ намуд, ба вазири кишоварзӣ ва ҳокимон супоришҳои дахлдор дода шуданд.

Чораҳо бобати аз 9 фоиз кам кардани муфлисӣ дар соли равон муҳокима гардиданд.

Ҳамчунин масъалаҳои таъмин сохтани эътидоли низоми бонкӣ ва вомгузории иқтисодӣ баррасӣ шуданд. Вазифа гузошта шуд, ки барномаи на камтар аз 2-3 фоиз дар пояи механизмҳои бозаргонӣ коҳиш додани миқдори вомҳо коркард шавад.

Дар машварат ба масъалаи таъмин сохтани шуғли аҳолӣ эътибори махсус дода шуд. Вобаста ба ин масъала муҳимияти самарабахш истифода бурдани барномаи ба қарибӣ қабулшуда таъкид гардид.

Зикр шуд, ки муассисаҳои таълими касбии низоми шуғл ва кор бобати муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ дар сатҳи зарурӣ нестанд. Дар назди Вазорати шуғл ва коҳиш додани нодорӣ вазифаҳои иловагӣ бобати аз байн бардоштани камбудиҳо, таъмин сохтани тайёрии касбии аҳолӣ ва созмон додани ҷойҳои нави корӣ гузошта шуданд. Дар анҷоми машварат роҳбарони маҷмӯъҳои иқтисодӣ, вазирон ва ҳокимон бинобар нақшаҳои худ дар соли равон ҳисобот доданд.

**ӮзА.**

# ТАВАҶҶУҲ БА МАСЪАЛАИ ҶАВОНОН ПУРЗӮР МЕГАРДАД

***Соли 2023-юми поёнёфта дар солномаи кишварамон бо тафсилоти аз рӯйдодҳои сиёсӣ ғанӣ дар саҳифаҳои таърих сабт гардид. Соли гузашта барои мамлакати мо пурфайзу баракот омад. Кишвари мо ба таври шинохтанашаванда зебо гардид.***

Тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ ба майдонҳои азими сохтмону бунёдкорӣ табдил ёфтанд.

Корхонаҳои замонавии саноатӣ, шабакаҳои логистикӣ ва инфрасохторӣ, боғчаву мактабҳо, иншооти фарҳангиву варзишӣ бунёд гардиданд. Ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд омада, шароити зиндагии аҳолӣ тағйир ёфт.

Махсусан, дар мамлакатамон ҷиҳати ба зинаи нав баровардани сиёсати давлатӣ оид ба ҷавонон, дастгирии шуғл ва соҳибкории онҳо, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои таълиму тарбияи босифат корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Ба ҳазорон нафар ҷавононе, ки мехоҳанд соҳибкориро ба роҳ монанд, ёрии амалӣ дода, имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуд.

Оиди кор бо ҷавонон низоми комилан нави идоракунии вертикалӣ ба вуҷуд омад. Дар тамоми маҳаллаҳои кишварамон вазифаи пешвои ҷавонон ҷорӣ карда шуд. Тавассути ин низом барои ҷавонони маҳалла зиёда аз 100 имконият фароҳам оварда шуданд.

«Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» ном гузоштан ба соли ҷорӣ як маънои амиқ дорад. Зеро ҷавонон – қувваи ҳалкунандаи давлат ва ҷамъият мебошанд. Имрӯз иқтисодиёти замонавиро бе тиҷорати васеътараққикарда тасаввур кардан имконнопазир аст.

Ин маънои онро дорад, ки барои ба ҷавонон омӯхтани касбҳои замонавӣ, ташаккул додани малакаҳои соҳибкорӣ, амалӣ гардондани ташаббусҳои онҳо аҳамияти устувор дода, низоми фарогиру муттасил офарида мешавад, ки писарону духтаронро ҳарҷониба дастгирӣ намуда, барои дар ҳаёт мавқеи сазовор пайдо кардани онҳо ёрӣ мерасонад.

Инчунин, дар пешрафти ҳар ҷомеа солим ва баркамол ба воя расондани насли ҷавон, киояндаи онро таъмин менамояд, мавқеи ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, ҷавонони аз ҳар ҷиҳат баркамол, донишу малакаи замонавиро азхуднамуда ва далеру ташаббускор такягоҳ ба ҳисоб меравад.

Дар таҳрири нави Конститутсияамон ҳуқуқу манфиатҳои насли наврас бо моддаҳои мушаххас инъикос дода шудааст, бешубҳа, имкон медиҳад, ки заминаи ҳуқуқӣ дар ин самт боз ҳам васеътар гардида, кори амалии мо ба зинаи нав бардошта шавад. Аз ҷумла, ба масъалаи оила, кӯдакон ва ҷавонон бахшида шудани боби алоҳида (боби XIV) аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мамлакатамон ба ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон то чӣ андоза диққати калон дода мешавад.

Дар Сарқонуни мо муқаррар шудааст, ки давлат ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологии ҷавононро таъмин намуда, иштироки фаъолонаи онҳоро дар ҳаёти ҷомеа ва давлат ҳавасманд менамояд. Фароҳам овардани шароит барои амалӣ гардондани ҳуқуқи онҳо ба таҳсил, нигоҳдории тандурустӣ, манзил, шуғл ва истироҳат пурзӯр гардид.

Албатта, ҳамаи инро дар муддати кӯтоҳ ҳал кардан душвор аст. Аз ин сабаб давлат ин гуна масъалаҳоро бар дӯш мегирад. Ҳамаи ин далели он аст, ки дар Ӯзбекистони Нав манфиати инсон аз ҳама чиз боло, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҷавонон ва мусоидат намудан ба тиҷорати онҳо дар маркази диққат қарор дорад.

Дар Қонуни асосии мо дар бораи дастгирии тиҷорат низ моддаҳои алоҳида мавҷуд аст. Ин онро мефаҳмонад, ки ислоҳот дар кишварамон идома дошта, корҳои хайре, ки дурандешона анҷом дода мешаванд, самараи баланди худро медиҳанд.

Сазовори эътибор аст, ки таҳкими ҳифзи иҷтимоии ҷавонон ва коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» ба сифати вазифаи аввалиндараҷа муайян гардидааст. Аз ҷумла, мақсад гузошта шудааст, шуғли 400 ҳазор нафар ҷавононро таъмин намуда, сатҳи бекории ҷавонон аз 14 фоиз то 11 фоиз коҳиш дода шуд.

Хулоса, имрӯз дар кишвари мо шумораи ҷавонон беш аз 19 миллион нафар. Дар мамлакат бобати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷавонон, фароҳам овардани шароиту имкониятҳои зарурӣ барои онҳо заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шуда, ин низом мувофиқи талаботи замон такмил меёбад.

Боварӣ дорам, ки дар соли нав ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва иқтисодиёти мо, фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои соҳибкорӣ ва мулки хусусӣ, рушди илм, инноватсия ва технологияи иттилоотӣ диққати махсус дода мешавад. Хусусан, таваҷҷуҳ ба масъалаи ҷавонон пурзӯр шуда, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ба зинаи комилан нав баровarда мешавад.

**Шерзод РАҲМОНОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ҲАМВАТАНОНИ ҶАВОНЕ, КИ ДАР МАЛАЙЗИЯ ТАҲСИЛ МЕГИРАНД, ОМОДААНД ДАР ҲАЁТИ ӮЗБЕКИСТОН ФАЪОЛ ИШТИРОК КУНАНД

***Дар Куала-Лумпур Форуми ҷавонони Ӯзбекистон баргузор шуд***

Бо ҳамкории Сафорати кишварамон дар Куала-Лумпур ва Ассотсиатсияи умумиҷаҳонии ҷавонони Ӯзбекистон бо иштироки донишҷӯёни ӯзбек, ки дар Малайзия таҳсил мекунанд, форуми ҷавонон ташкил карда шуд.

Дар форум зиёда аз 150 нафар донишҷӯён, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи Малайзия, аз ҷумла Донишкадаи технология ва инноватсияи Осиё ва Уқёнуси Ором, Малайя, Ал-Бухорий, «UKM», «City», «Help», «INTI», « Cyberjaya, «UCSI» , «UPM» ва «Sunway» таҳсил мекунанд, иштирок карданд.

Дар рафти чорабинӣ ба иштирокчиён дар бораи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар Ӯзбекистон маълумот дода шуд. Таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф гардид. Зимнан зикр гардид, ки айни замон ҷавонон дар пешбурди ғояҳои инноватсионию иҷтимоӣ ва ба сатҳи нав баровардани рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ҳамчун неруи асосӣ хидмат мекунанд.

Таъкид гардид, ки яке аз вазифаҳои асосии Ассотсиатсияи умумиҷаҳонии ҷавонони Ӯзбекистон ин муттаҳид намудани ҳамватанони ҷавони дар хориҷи кишвар буда, ба онҳо мусоидат намудан мебошад.

Дар бораи як қатор лоиҳаҳои дастгирии ҷавонони боиқтидори Ӯзбекистон дар хориҷи кишвар, ҳавасмандии онҳо ва расонидани кумак аз мутахассисони баландихтисос дар дарёфти ҷойҳои корӣ дар секторҳои давлатӣ ва хусусии ҷумҳурӣ маълумот дода шуд.

Ҷавонони донишҷӯ, ки дар Малайзия таҳсил мегиранд, таъкид намуданд, ки омодаанд дар ҳаёти Ӯзбекистон фаъол иштирок кунанд, ба рушди минбаъдаи кишварамон саҳми худро гузоранд.

Дар рафти чорабинӣ оид ба масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҳамватанон тавсияву машваратҳои дахлдор дода шуданд.

Дар ҷараёни анҷуман доир ба ташкили чорабиниҳои гуногуни фарҳангию маърифатӣ ва варзишӣ дар доираи «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат», ки бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон эълон шудааст, ба мувофиқа расиданд.

**АИ «Дунё»,**

*КУАЛА-ЛУМПУР*

Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат

# ҶАВОНОН ТАКЯГОҲИ АСОСИИ ҶОМЕАВУ ДАВЛАТАНД

Насли нави ҷомеа аз дигар қишри аҳолӣ ба куллӣ тафовут доранд. Онҳо ҳамеша ба навҷӯиву навгониҳо шавқу ҳавас ва баҳри ноил шудан ба комёбӣ ва муваффақиятҳо азму кӯшиш доранд. Насли нави ҷомеа – ҷавонон шуҷоатноку боғайратанд. Донишу ҳунарҳои замонавиро низ ба хубӣ аз бар менамоянд. Бо вуҷуди ин дар ниҳоди онҳо парваридани эҳсоси эҳтиром ба калонсолон, ғояҳои ватандӯстиву меҳанпарастӣ, интихоб ва дарёфти пешаи муносиб аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Сарвари давлат дар ҷамъомаду машваратҳо назди масъулони соҳа вазифаҳои устувор гузошта, онҳоро водор месозад, ки ҳангоми сарукор доштан бо масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҷавонон ҳаргиз саҳлангорӣ накунанд. Тавре ки боре гуфта буд:

«Маълум аст, ки масъалаи ҷавонон дар ҳама давру замонҳо аҳамияти калонро молик будааст. Аммо дар ин асри 21, ки мо умр ба сар мебарем, ин чиз боз ҳам мубрамтару муҳимтар мебошад.»

Дарҳақиқат, дар саросари кишвар баҳри бо шуғли доимӣ банд намудани ҷавонон ҳамагуна чораҳо андешида мешавад. Марказҳои инноватсионии ҷавонон фаъолият менамоянд. Корхонаҳое, ки нав таъсис меёбанд, ҷавонони зиёдро истиқбол мегирад. Марказҳои бандкунӣ бо шуғл баҳри дарёфти кор ба ҷавонон кумак мерасонанд.

Дар маҳаллаҳо пешбари кор бо ҷавонон фаъолият мекунад. Ҳоло дар ноҳияи Фориш ҷавонони синну солашон аз 14 то 30-соларо пешбари ҷавонон аз сари нав номнавис намуда, бо рӯзгори онҳо ошно мегардад. Айни замон ба чӣ машғуланду чӣ гуна манбаи даромад доранд, кадом муаммоҳо то ҳол эшонро ба ташвиш овардааст, муфассал меомӯзанд. Дар ҳокимияти ноҳия муовини ҳоким оиди кор бо ҷавонон фаъолият пеш мебарад. Ӯ низ аз ин ҳисобот бохабар мешавад, пайи пиёда сохтани муаммоҳо тадбир меандешад.

Имкониятҳо зиёданд, зеро шумораи корхонаву фабрикаҳо торафт афзун мешавад. Агар масъулон саривақт баҳри ҳал намудани мушкилиҳои рӯзгори ҷавонон камари ҳиммат банданд, шумораи онҳое, ки барои дарёфти кор ва манбаи даромад рӯй ба кишварҳои бегона ниҳодаанд, хеле коҳиш меёбад. Дар он сурат дар Ватани хеш, назди волидон, оилаву фарзандони худ нони ҳалоли худро хоҳанд дарёфт.

Имкониятҳои иловагии корхонаҳои ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии «Ҷиззах» зимни ҷамъомадҳои ҳокимияти вилояти Ҷиззах мавриди баррасӣ қарор гирифт. Роҳбарони ин корхонаҳо низ ваъда доданд, ки ҳар чӣ бештар ҷавононро бо шуғл фаро мегиранд.

Роҳбари бахши ҳудудии ҳаракати умумимиллии «Юксалиш» дар вилояти Ҷиззах Музаффар Маматқулов гуфтааст, ки: «Мо ба туфайли саривақт ва босифат ҳал намудани масъалаҳои ҳаёти ҷавонон самаранокии натиҷаи ислоҳотро хоҳем дид. Дар он сурат ба олами онҳо ворид шуда, водор хоҳем сохт, ки ғамхориҳое, ки алҳол давлату ҳукумат дар ҳаққи ҷавонон мехӯрад, амиқ ҳис намоянд ва дар роҳи расидан ба мақсадҳои неки худ собитқадам бошанд.»

Имрӯз вақти амал фаро расид.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# «МОҲОНАИ ВАТАНПАРВАРӢ» ИДОМА ДОРАД

***Алҳол дар кишвари мо, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд ба муносибати 32-юмин солгарди ташкилёбии Нерӯҳои Мусаллаҳ «Моҳонаи ватанпарварӣ», ки 18-уми декабри соли гузашта оғоз ёфта буд, муташаккилона идома дорад.***

Дар чаҳорчӯбаи «Барои ҳаёти нав, барои Ӯзбекистони Нав» тадбирҳои «Вохӯрии се авлод» баргузор мешаванд, ки ниҳоят хотирмон мегузаранд.

Тавре рӯзнома иттилоъ дода буд, дар маҳаллаи Арабхонаи ноҳияи Самарқанд ягона иштирокчии ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Аҳадбобо Очилови қариб 100 сола зиндагӣ дорад. Дар арафаи Рӯзи муҳофизони Ватан як гурӯҳ хидматчиёни ҳарбӣ ва хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии рақамҳои 3-юм ва 9-ум барои зиёрати мӯйсафеди барнодил омаданд.

Хотираҳои Аҳадбобо Очилов барои ҳозирон хеле шавқангез буданд. Ӯ ҳамчун танкист барои ҳифзу озод кардани Русия, Украина, Белорус ва ғайра саҳми арзанда гузоштааст, баъди ғалаба бо фаъолияти педагогӣ машғул шуд.

– Ман аз сарвари давлатамон барои меҳрубонӣ ва ғамхориҳои беандоза сипосгузор ҳастам, – иброз дошт ӯ. – Дар арафаи Рӯзи хотира ва қадр се маротиба бо Президент Шавкат Мирзиёев суҳбат оростем, ки аз хотир фаромӯш нахоҳад шуд.

Ҳамчун собиқ омӯзгори фанҳои забони модарӣ ва адабиёти тоҷик ва пири хирадманд байти зеринро қироат намуд:

*Бародарон, ба модари*
*Ватан вафо кунем,*
*Агар сар талаб кунад, ба*
*вай фидо кунем!*

***

Дар ноҳияи Пойариқ ҳам зери шиори «Артиши Ӯзбекистони Нав – қудрати мамлакат ва тимсоли садоқат» тадбири бошукӯҳи фарҳангӣ баргузор гардид. Дар он сарбозони гарнизони ҳарбии шаҳри Самарқанд иштирок намуда, ба ҷавонон аслиҳа ва техникаи ҳарбиро намоиш доданд, доир ба хидмати ҳарбӣ нақл карданд, ҳатто бо шавлаи саҳроӣ зиёфат оростанд.

Дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии вилоят низ бо собиқадорони Нирӯҳои Мусаллаҳ ва сарбозони самарқандӣ вохӯриву мулоқот баргузор намуданд.

**Баҳодури ЗОҲИР,**
*вилояти САМАРҚАНД.*




*Дар арафаи 32-юмин солгарди ташкилёбии Нирӯҳои мусаллаҳ ва 14-январ – Рӯзи ҳимоятгарони Ватан бо ташаббуси ҳокимияти ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд дар қисми ҳарбии наздисарҳадӣ, ки дар маҳаллаи Каттараводи ноҳия ҷойгир аст, таҳти шиори «Артиш – маскани ҷасорат, матонат ва дониш» чорабинии маънавию маърифатӣ баргузор шуд. Дар он роҳбарони ноҳия ҳимоятгарони Ватанро бо идашон табрик гуфта, сержант ва ҳарбиёне, ки дар соли ҷорӣ хидмати намунавӣ кардаанд, бо ташаккурнома ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонданд.*

***Суратгир: М. ҚОДИРЗОДА.***

***Ду ҳошияи шоҳроҳи самти Косон ва Мубораки вилояти Қашқадарё имрӯзҳо маҳалли корзори ҳақиқиро мемонад.***

# ҲАМОВОЗӢ БА ТАШАББУСИ ПРЕЗИДЕНТ

Хусусан дар минтақаи ноҳияи Косони шоҳроҳ шумори зиёди одамон ва техникаи корӣ ба назар мерасанд, ки аз обу ҳавои мусоид истифода карда, мунтазам бо шуғли кушодани замин, тахту ҳамвор кардани он банд ҳастанд. Онҳо аз ҳар самт ҷӯяк мекашиданд, иншооти обёрӣ насб месозанд ва барои шинондани ниҳолҳо ҷой омода мекунанд. Хуллас, корҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ дар ин масир бо суръат идома доранд. Аз рафти ин корҳои муфид ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов шинос гардид.

Мувофиқи дастури омодашуда дар ҳудуди ноҳияи Косони шоҳроҳ ангурзор барпо хоҳад гардид ва тӯли ин майдони ҳанӯз бекорхобида 14 километрро ташкил мекунад. Дар ҳошияи ин роҳ 7500 бех ниҳоли ток шинонда хоҳанд шуд. Дар сурати бехато сабзондани ниҳолҳо ва минбаъд ба як боғи борвар мубаддал сохтани он даҳҳо тонна меваи хушсифати ангурро метавон ба даст овард. Мутахассисон мегӯянд, аз ҳисоби чунин заминҳо метавон дасторхони мардуми кишварро боз ҳам ғанӣ ва бозорҳои дохилиро фаровон нигаҳ дошт.

Айни ҳол дар ҳудуди мазкур 32 га замин барои ташкил намудани тутзор низ омода шудааст. Интизор меравад, ки дар ин заминҳо 74 ҳазор бех ниҳоли тут шинонда шаванд. Боғи тутзор минбаъд ба ривоҷи соҳаи кирмакпарварӣ мусоидат хоҳад кард.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози очик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

Дар арзҳои дӯстӣ

# «БАЪДИ МУРДАН ХОҲ ОЮ, ХО(Ҳ) НАЁ»

**Гузориш аз ташрифи ҳунарпешагони Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутии Тоҷикистон**

Баъд аз барқарор шудани муносибатҳои дипломатии ҷумҳуриҳои бародари Ӯзбекистон ва Тоҷикистон як қатор созишномаҳо ба имзо расид, ки дар асоси ҳамкориҳои иқтисодӣ, маданӣ, тандурустӣ, сайёҳӣ ба роҳ монда шуд. Дар доираи ҳамкориҳои маданию маърифатӣ ташкили муттасили рӯзҳои адабиёт ва санъат дар ду ҷумҳурӣ ба ҳукми анъана даромад. Дар санаи 12 январи соли ҷорӣ Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутии Тоҷикистон дар шаҳри Тирмиз меҳмони Театри мусиқӣ-драмавии вилояти Сурхондарё гардид.

Тазаккур бояд дод, ки ин ду театр се сол боз дар асоси меморандуми ба имзорасида ҳамкорӣ менамоянд. Ҳамкориҳои тарафайн натиҷаҳои судбахш ба бор оварданд. Ду сол қабл ҳунарпешагони Театри мусиқӣ-драмавии вилояти Сурхондарё ба шаҳри Душанбе ташриф оварда, дар Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ асари драматурги бойсунӣ, шодравон Холиқ Хурсандов «Қайсар чолнинг қилиғи»-ро ба намоиш гузошта буданд. Спектакли мазкур аз ҷониби тамошобинон ва мутахассисони соҳа хуш пазируфта шуд. Ҳунарпешагони Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ тасмим гирифтанд, ки асари мазкурро тарҷума намуда, бо номи «Баъди мурдан хоҳ ою, хо(ҳ) наё» рӯйи саҳна бароранд. Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳунарпешагони касбии театри мазкур нақшҳои худро хеле хуб иҷро намуда, ба ҳадафи хеш расиданд. Дар тӯли ду сол асари мазкур 54 маротиба дар театрҳои Тоҷикистон ва борҳо дар шабакаҳои телевизионии ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ ба намоиш гузошта шуд ва аз ҷониби мухлисон хуш истиқбол гардид. Инак, асар бори аввал дар хориҷи кишвар, яъне дар ватани нависанда Холиқ Хурсандов – шаҳри Тирмизи вилояти Сурхондарё ба намоиш гузошта мешавад.

Аз ташрифи ҳунарпешагон он рӯз қасри санъати Тирмизшаҳр ба иди ҳақиқӣ табдил ёфт. Намояндагони аҳли санъат, фаъолони Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё ва дигар марказҳои миллӣ-маданӣ, донишҷӯёни бахши тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тирмиз ва дигар мухлисони театр баҳри тамошои спектакл ҳозир шуда буданд. Меҳмонон бо нону намак пешвоз гирифта шуданд ва зери оҳангу суруди дӯстӣ дар иҷрои санъаткори хушовоз Фаридуни Насриддин – писари ҳофизи номӣ, Ҳофизи халқии Тоҷикистон Хайруллоҳи Насриддини Бойсунӣ меҳмонону мизбонон якҷоя рақсу бозӣ намуда, вориди қасри санъат гардиданд. Ба мо даст дод, ки то фурсати омодашавии ҳунарпешагон ба намоиши саҳна бо раҳбари гурӯҳи сафари ҳунарӣ, директори Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Абдукарими Машраб ва сармутахассиси Раёсати санъати Вазорати фарҳанги Тоҷикистон Тоҳир Мамадризоев суҳбат ороста, дар бораи комёбиҳои театри мазкур маълумот ба даст оварем.

Чунон ки Тоҳир Мамадризоев изҳор дошт, театр дар Тоҷикистон аввалин театри касбӣ маҳсуб шуда, 95 сол қабл ташкил ёфтааст ва соли 1939 номи Театри давлатӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутиро ба худ гирифтааст ва ҳамагон онро бо ифтихор модари театри тоҷик ном мебаранд. Дар театри мазкур санъаткорони варзида ва маълуму машҳури Тоҷикистон ба монанди Муҳаммадҷон Қосимов, Миркарим Саидов, Аслӣ Бурҳонов, Туҳфа Фозилова, Мушаррафа Қосимова, Шамсӣ Қиёмов, Гулчеҳра Бақоева, Маҳмудҷон Воҳидов, Ато Муҳаммадҷонов, Ҳошим Гадоев, Майрам Исоева, Баҳодур Миралибеков, Гурминҷ Завқибеков, Ибодулло Машрабов, Асалбек Назриев, Бурҳон Раҷаб, Исо Абдурашидов ва дигарон кору фаъолият карда, бо нақшҳои нотакрору мондагори худ номи театр ва санъати тоҷикро баланд бардоштаанд. Назокату нафосати санъати шарқона – тоҷиконаро ба оламиён намоиш додаанд.

– Мо аз дидор ва суҳбати ҳамзабонони ӯзбекистонӣ ва бародарони арҷманди ӯзбек шоду масрурем, – гуфт зимни суҳбат Тоҳир Мамадризоев. – Барои ин пеш аз ҳама ба раисҷумҳурони ҳар ду кишвар арзи сипос менамоем, ки дари чунин имкониятҳоро ба рӯйи мо боз намуданд. Ҳоло 16 нафар ҳунарпешагони касбии театр ба ин ҷо омаданд, то ки асари «Қайсар чолнинг қилиғи»-ро ба намоиш гузоранд. Асар аз тарафи коргардони театрамон Асалбек Назриев ба тоҷикӣ тарҷума шуда, мувофиқи завқу диди тарҷумон ва коргардон «Баъди мурдан хоҳ ою, хо(ҳ) наё» ном гирифтааст. Ин асар дар муддати хело кӯтоҳ дар Тоҷикистон маъруфият пайдо намуд. Умед мекунем, ки намоиши он ба мухлисони ӯзбекистонӣ низ писанд меояд. Баъд аз ҳунарнамоӣ дар Тирмиз сафарамонро ба шаҳри бостонии Самарқанд идома медиҳем ва 14 январ дар театри мусиқӣ-драмавии вилояти Самарқанд асари мазкурро ба саҳна мегузорем.

Вақте ки дар хусуси вазъи кунунии театри тоҷик пурсон шудем, директори театр Абдукарим Машраб чунин посух дод:

– Шукр, муносибати мардуми тоҷик ба санъат, адабиёт ба куллӣ тағйир ёфтааст. Мардум ба театр беш аз пеш рӯ овардаанд. Аз намоиши зиндаи саҳнавӣ кунун халқи тоҷик бефарқ нестанд. Мо ҳам кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки мувофиқи талабу хоҳиш, шавқу завқ, зеҳну фаҳмиши онон асар, нақшҳо офарем. Гумони ғолиби ман он аст, ки тамошобини имрӯза баробари серталаб будан қадршинос ҳам ҳаст. Хидматҳои аҳли санъатро дуруст арзёбӣ мекунад, таҳлил менамояд ва қадр месозад. Ҳоло мо дар Ӯзбекистон сафар дорем. 21 январ театри ба номи Ато Муҳаммадҷони шаҳри Бохтар бо сафари ҳунарӣ барои намоиши спектакли «Зол ва Рудоба» ба Эрон сафар хоҳад кард.

– Аз ташрифи меҳмонони азизи тоҷикистонӣ сарамон ба осмон расид, – гуфт директори Театри мусиқӣ-драмавии вилояти Сурхондарё Муяссар Қарақулова. – Мо ба Тоҷикистон сафар намуда, шоҳиди воқеаҳои таърихӣ гардидем. Ба самимият, меҳмондорӣ, ҳунарнамоии санъаткорони касбии Тоҷикистон мафтун шудем. Инак, онҳо бо ташрифи худ моро хурсанд месозанд. Боварӣ дорам, ки ҳамкориҳои судбахши мо дар оянда низ идома хоҳад ёфт.

Ниҳоят, намоиши саҳнавии «Баъди мурдан хоҳ ою, хо(ҳ) наё» ҳам оғоз ёфт… Асалбек Назриев дар саҳна пайдо мешавад ва бо ҳасрат ба забон меояд:

*Эй бародар, хоки поят тӯтиё,*
*Гар ту моро дӯст медорӣ биё.*
*Эътиқоди мову ту дар зиндагист,*
*Баъди мурдан хоҳ ою, хо(ҳ) наё.*

Мо – тамошобинон намоиши зиндаи саҳнавиро бо завқ тамошо мекардем. Дар рафти намоиш гоҳ чашмонамон тар мешуду гоҳ дар лабонамон қаҳ-қаҳаи ханда гул мекард. Саҳна аз лаҳзаҳои ҳаяҷонбахш бой буд.

Нақшҳои асосиро ҳунарпешагони халқии Тоҷикистон Асалбек Назриев (дар нақши падар – Мавлон), Ортиқи Қодир (дӯсти Мавлон – Авазбек) ва Саодат Азизова (дар нақши модар – Холдона) ва нақши раиси маҳалларо Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Муҳаммадӣ Мирзоалиев иҷро намуданд.

– Халқи тоҷику ӯзбек аз азал дӯсту бародаранд, – гуфт Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқи Қодир. – Моро аз ҳамдигар ҳеҷ кас ҷудо карда наметавонад. Маросиму анъанаҳоямон, санъату ҳунарамон, тарзи либоспӯшиамон, таоми миллиамон ҳам якест. Он қадар омехта шудаем, ки якеро аз дигарамон фарқ кардан мушкил. Ана ҳамин намоиши имрӯза ҳам намунае аз анъанаҳои хоси мо – мардуми тоҷику ӯзбек аст.

– Аз намоиши асар таассуроти хеле хуб бардоштем, – гуфт зимни суханронии хеш олим, шоир, тарҷумон ва нафақахӯри 88-сола Юсуф Ализода Дарбандӣ. – Дар ин намоиш лаҳзаҳои бисёр ҳам муҳими ҳаёти инсонӣ ба саҳна гузошта шудааст. Анъана, расму оини халқҳои тоҷику ӯзбек ҳам муштараканд.

Вақте намоиш ба анҷом расид, ба меҳмонон гулу гулдастаҳо тақдим карда шуд. Онҳо низ туҳфаи хотиравии хешро ба ҷамоаи Театри мусиқӣ-драмавии вилояти Сурхондарё тақдим намуданд. Намоиши хотирмон дар шоми дӯстӣ, бешак, баҳри таҳкими дӯстии халқҳо, ибрат гирифтани ҷавонон, фарзандон нақши муҳим дорад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

## *ХАБАРҲО*

### ИНСТИТУТИ КРИМОНОЛОГӢ ТАШКИЛ ЁФТ

***Бинобар фармони роҳбари давлат аз 15 январи соли равон дар бораи чораҳои таъмини амнияти ҷамоатӣ ва аз ҷиҳати сифат ба давраи нав бардоштани тадқиқи фаъолияти илмии мубориза алайҳи ҷиноятқорӣ Институти кримонологии Ӯзбекистон ташкил карда шуд.***

Институти нав тадқиқи илмӣ ва экспертии фаъолияти кримонологиро фаро гирифта, ба сохтори ташкилии Вазорати корҳои дохилӣ мутааллиқ аст. Ба мақоми шахси юридикӣ молик мебошад. Роҳбари институт аз ҷониби Девони Вазирон таъин карда мешавад. Ҷуз ин вазифаҳои худро аз ҳар гуна мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамоатӣ ва шахсони мансабдор ҷудо ба иҷро мерасонад. Дахл кардан ба фаъолияти мустақилонаи он ва таъсир расондан ба дигаргунсозии маълумотҳои ҳисоботи тадқиқоташ манъ карда мешавад.

### РОҲҲОИ МАХСУС БАРОИ АВТОБУСҲО

***Вақтҳои охир дар шаҳри Тошканд соле ба ҳисоби миёна тақрибан 100 ҳазор нафар аҳолӣ зиёд мешавад. Дар соли 2023 автомобилҳо низ 100 ҳазорто зиёд гашт. Ин ҳама аз торафт вазнин шудани бори инфрасохтори роҳ дар пойтахт дарак медиҳад.***

Назар ба таъкиди директори офиси лоиҳавии назди Вазорати нақлиёт Мурод Обидов, барои ривоҷ додани нақлиёти ҷамоатӣ дар шаҳри Тошканд чораҳо андешида мешаванд. Яке аз навигариҳо – дар байни кӯчаҳои васеъ ташкил шудани роҳравҳои ҷудогона барои автобусҳост. Барои ҳаракати озодонаи автобусҳое шароит фароҳам оварда мешавад, ки панҷсесиянок буда, 32 метр ва 35 метр дарозӣ доранд. Барои сабук сохтани бори инфрасохтор дар воридгоҳи пойтахт ба роҳ гузоштани 12-то хати нави экспресс ба нақша даромадааст.

Агар роҳравҳои махсус ҷудо накунем, яъне инфрасохторро дар соҳа созгор нанамоем, аз автобусҳои навамон самаранок истифода бурда наметавонем, афзуд М.Обидов.

### РӮЗИ ТАШКИЛЁБИИ ВИЛОЯТ

***Фарғонагиён Рӯзи ташкил ёфтани вилояти худро таҷлил карданд. Вилоят 15 январи соли 1938 арзи ҳастӣ намуда, дар шарқии ҷумҳурӣ, дар ҷанубии водии Фарғона ҷойгир шудааст.***

Ҷуз аз вилоятҳои Намангону Андиҷон бо ҷумҳуриҳои Қирғизистону Тоҷикистон ҳамсарҳад мебошад. Аҳолиаш то 1 апрели соли 2023 – наздик 4 миллион нафар. Дар таркиби он 4 шаҳр ва 15 ноҳия мавҷуд. Саноати сабук, сӯзишворӣ ва озуқавориаш тараққӣ кардааст. Нуқтаҳои асосии кишоварзиаш – ғалла, пахта, боғдорӣ, ангурпарварӣ, чорво, паррандапарварӣ, пиллапарварӣ аст.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# АЛОҚАҲО МУСТАҲКАМТАР МЕГАРДАНД

Байни Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон муносибатҳои қадимии ҳамсоягарӣ, таъриху маданияти муштарак, инчунин тамоюлҳои иззату ҳурмати тарафайн, ҳамҷиҳатию ҳамдигарфаҳмӣ амал мекунад. Ҳоло робитаҳои дӯстӣ мазмуни нав касб кардааст. Хусусан, солҳои охир байни ду давлат алоқаҳои дипломатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, маданию гуманитарӣ рушд меёбад. Сафари расмии Президент Ш. Мирзиёев бо Эрон 18 июни соли 2023 бобати ба сатҳи шарикии стратегӣ бардошта шудани ин алоқаҳо имконияти нав фароҳам овард.

Дар доираи ин сафар таҳия ёфтани ҳуҷҷатҳои ба роҳ мондани алоқаҳои байниҳамдигарии вилоятҳои Бухорою Ҳамадон ба ин мисоли равшан аст. Бо ташаббуси сарвари давлат озод гардонда шудани низоми иқтисодиёт, созмон ёфтани муҳити муносиби сармоягузорӣ ба ҷараёни муҳимтарини ислоҳот табдил ёфт. Дар Бухоро низ даъват гардидани сармоядорони хориҷӣ ва барои онҳо фароҳам оварда шудани имкониятҳои қулай ифодаи он аст. Ба туфайли ҳамкории соҳибкорони вилоят бо ширкатҳои Эрон ҳоло дар ин ҷо 21-то корхона фаъолият дошта, аз ҷумла 5-тои онҳо чун корхонаи хориҷӣ пурра бо сармояи Эрон амал мекунад. Аз ин рӯ Эрон яке аз ҳафт давлатест, ки дар савдои берунии вилояти Бухоро саҳми арзанда доранд.

Ҳафт соли охир ҳаҷми савдои байни ҳамдигар ду баробар афзудааст. Соли гузашта байни вилояти Бухоро ва Эрон мубодилаи савдо ба 51,3 млн.доллар расида, ҳаҷми содирот 13,6 млн. доллар ва воридот 37,7 млн. долларро ташкил кард. 8 январ дар шаҳри Бухоро бо иштироки соҳибкорони вилоятҳои Бухорою Ҳамадон форуми тиҷоратӣ ба амал омад. Дар он ҷонишини якуми ҳокими вилояти Бухоро Б. Аҳмедов дар бораи имкониятҳои фароҳамовардашуда ҳарф зад ва муҳим будани ҳамкориҳо бобати истеҳсоли маҳсулоти бофандагӣ, маводи сохтмон, кимиё, фарматсевтика, электротехника, ҷорӣ намудани манбаъҳои энергияи азнавбарқароршаванда, гузоштани сармоя ба лоиҳаҳои кооператсияи саноат ва соҳаи хоҷагии қишлоқ, сохтмони меҳмонхонаҳои замонавӣ, дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва саноати хурд истеҳсол намудани маҳсулоте, ки арзиши баланд дорад, ҷогузин кардани технологияи нигаҳдорӣ ва азнавкоркунии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, инчунин истеҳсоли асбобу анҷомҳои соҳаи кишоварзӣ, ҷорӣ кардани технологияи сарфакунии об ва ғайраро таъкид намуд.

Дар он раиси вилояти Ҳамадон Ализо Фарзод ва Сафири Фавқулода ва Мухтори Эрон дар Ӯзбекистон Муҳаммадалӣ Искандарӣ барои қабули самимӣ ва меҳмондорӣ арзи сипос намуданд. Онҳо ташаббусҳои рушд додани алоқаҳои тарафайнро оиди савдо, сармоягузорӣ, нақлиёт ва логистика, илмию технологӣ, инчунин маданию гуманитарӣ ҷонибдорӣ намуданд. Дар охир меморандуми ҳамкорӣ таҳия ёфт. Пас аз тадбир байни соҳибкорони ҳамадонию бухороӣ суҳбати мизи мудаввар ба амал омад. Сипас, корчаллонҳои эронӣ бо фаъолияти корхонаи азнавкоркунии шир ва маҳсулоти шири «Buxoro Agrocluster DZZ» шинос шуданд.

Нимаи дуюми рӯз меҳмонон дар ҳокимияти вилояти Бухоро бо ҳоким, ҷонишини ҳокими вилоят Ботир Шаҳриёров ва ҳокими шаҳри Бухоро Ҷамол Носиров мулоқот карданд. Ҳангоми мулоқоти самимӣ сухан аз хусуси таърихи Бухоро, фарҳанг, объектҳои мероси маданӣ, салоҳияти имрӯзаи вилоят, комёбӣ ва ғайра рафт.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Ба истиқболи 100-умин солгарди «Овози тоҷик»*

# АЗ ДОМАНИ «ОВОЗ...» ТО ОҒӮШИ «САДО...»



Дидору мулоқоти мо бо Истад Қосимзода – нависанда, мутарҷим ва рӯзноманигор дар як рӯзи хуршедии зимистон иттифоқ афтод.

Вай акнун пирамарди қариб навадсола аст, аммо замоне марди чусту чолоке буду аз барои обунаи рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Садои Сурхон», ки чун ҷигарбандонаш дӯст медошт, гӯё дар як дам нисфи дунёро тай мезад, ба сад идораву корхона даромада мебаромад. То ба мурод нарасад, гиребони онро раҳо намекард. Ҳоло зиндагӣ ӯро аз тавони пешин маҳрум сохтааст, аммо ҳанӯз оташи он айём дар қалбаш забона мезанад. Ман ӯро улгуи садоқат ба сухан медонам...

Вай оҳиста-оҳиста асозанон ба тарабхона медарояд. Ин тарабхона «Тантана» ном дорад, устод аз азал дӯсташ медошт. Дар дами пирӣ ҳам, барои рафъи озурдагиҳои ҳаёт, сабук кардани бори дил... гоҳ-гоҳ ба ин ҷо меояд.

Қоматаш камонвор хам задааст, «бори вазнин»-и онро асои дасташ таҳаммул мекунад. Аз дидори шогирдони худ хаёле алифвор рост шуд, чеҳрааш ҳам шукуфонтар гашт! Ашки дар чашмонаш давидаро пок карда:

– Ман аз шумо хеле миннатдор, шогирдонам! – гуфт.

Чеҳраи офтобнадидаи устод сафед буд, мазмун бурути ба дарозо дар хона монда, сояпарвард шудааст.

– Кор бисёр, – мегӯяд вай. – Қариб аз хона намебароям ва ноаён ба соати дасташ менигарад. Бо ин таъкид кардан мехоҳад, ки ҳар лаҳзаи ҳаёт ғанимат, фурсат кам аст. Боз чӣ қадар умр хоҳад дид – Худо медонад!

– Ба ҳаштоду ҳашт даромадам, – суханашро идома медиҳад устод ба саволи мо посух додаву боз номаълумакак ба соати дасташ нигариста.

– Аз «Овози тоҷик» дувоздаҳ сол хурд будаед, – мегӯям ман.

Чун номи рӯзномаи машҳурро мешунавад, чеҳрааш гул мекунад, зеро бо ин рӯзнома пайвандии хубе дораду як бахши тиллоии умраш масруфи ин нашрия гардидааст, аз он айёми дур хотироти ширине бо ӯст.

– Замоне, ки ман кор мекардам, рӯзнома «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ном дошт ва баъдтар зарурати бозгашт ба номи аслиаш пайдо шуд. Имсол 100-сола мешавад, аммо мешунавам, ки фарзандони ноқобилаш ин «пири хирадгустар»-ро фаромӯш кардаанд ва дигар асояш намешаванд. Аз ин кори ҳаммиллатон хафа ҳастам. Агар умр вафо кунад, ёддоштҳои худро хоҳам навишт. Хонанда аз онҳо ҳам зиндагии маро мехонад, ҳам ба саволҳои зиёдаш посух мегирад, – мегӯяд ӯ, ки ҳоло як пояш дар Деҳнав бошад, як пойи дигараш ҳатман дар Душанбе аст.

Аз фурсат истифода бурда, маҷмӯаи мақолоти тозанашри худро бо номи «Ҳамеша бо Ватан» ва соядасти «ба адиби бомаҳорат...» тақдим кардам.

– «Адиби бомаҳорат..,» – баланд мехонад ӯ китобро кӯдаквор навозиш карда ва абрӯ кашида, бозавқ механдад.

– Агар ягон хирасар бо шӯхӣ «о»-ро ба «е» табдил диҳад, чӣ мешавад?

Мо ҳама баробар механдем. Устод низ хандазанон ба як китоби худ бо номи «Тиллоҳои амакам», ки романи ёддоштӣ аст, соядаст навиштаву ба ҷойи «бомаҳорат» « қаламкаши моҳир» менависад ва нусхаеро ба ману нусхае ба Олимҷон медиҳад. Шерзод, ки ҳамшаҳрӣ ва дар зарурат муттакои устод аст, кайҳо аз ин бахт бархурдор гашта буд.

– Бо ин соядаст шӯхӣ карда намешавад, – мегӯяд ӯ мамнун.

Вақте соядаст менавишт, дасташ андаке меларзид, аз нигоҳи ман рамз бардошта:

– Дигар итоат кардан намехоҳанд, – мегӯяд дастонашро молида ва ҳамон замон ба рӯяш сояи ғам менишинад.

– Чашмон ҳам мисли аввал нестанд! Пирӣ...

Аммо ҳис мекунам, ки ба «пирӣ» тан доданӣ нест. Худро далер мегирад ва то ҳол бидуни айнак мехонаду менависад. Ҳусни хаташ ҳам зебо...

Дубора ба дидагон ва дастони тавонгумкардаи устод менигарам. Ин чашмон ба ҷуз дидани ҳазорон воқеоти тавъам ба шодиву ғам шоҳиди навишта шудани даҳҳо асар гаштаанд, зарра-зарра нури худро дар ҳар сатри онҳо бахшидаанд. Чандин асари бузургони илму хирад бо кумаки ҳамин мабдаи нур тарҷума шудаанд. Дастҳо-чӣ? Мудом банди коре буда, ҳаргиз аз навозиши қалам ҷудо набудаанд...

– Чандин қиссаву роман мунтазири навиштан, ҳамеша дар зеҳнам чарх мезананд. Умр вафо кунад, ҳатман менависам.

– Кори хуб кардӣ, шогирд, – мегӯяд ба китоби банда ишора карда. Ва ба нақли як ҳодиса шурӯъ мекунад, ки хеле муаассир буд:

– Аз соли 1984 то охири соли 1990 тамоми шумораҳои «Овози тоҷик»-ро доштам ва рӯзномаҳои ҳар солро дар як баста нигаҳдорӣ мекардам. Муродам, фурсат ёфта, албатта, таҳқиқ кардан буд, зеро чизҳои арзишманд зиёд буданд. Чун муддате дар шаҳри Душанбе монда, аз пайи корҳои эҷодӣ мегаштам, духтарчаи хурдӣ (дар Деҳнав буд ӯ) аз муаллимони мактаб вазифа мегирад, ки коғазпора ёфтаву оварад – аҳли синф аҳд кардаанд, ки нақшаро бояд иҷро кунанд! Вай ҳамин бастаи рӯзномаҳоро аз хона баровардаву шодон месупорад, ки қариб дар ҳар шумораи он як мақолаи ман нашр шуда буд.

Ҳамин тавр, ҳарчи дар он солҳои пурғавғо навишта будам, ба боди фано рафт. Ман қариб девона шуда будам. Чандин муддат гӯё азодор будам! Аммо чӣ илоҷ, ба чашмони маъсуми духтарча нигариста, ногузир аз «гуноҳаш» гузаштам ва ба он бохти гарон мардонавор тоқат кардам. Акнун қувват нест, ки он навиштаҳоро аз дигар ҷойҳо бичӯям ва барқарор созам.

Вақте ки устод дар ҳалқаи шогирдони нағзи худ ин воқеаро мағзшиканӣ мекард, ман ноаён ба муқоваи китоби ӯ «Тиллоҳои амакам» чашм давондам, ки тарҷумаи ҳоли адиб мухтасар омадааст:

«Нависанда, тарҷумон Истад Қосимзода 19 майи соли 1936 дар деҳаи Пасурхӣ (ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё) дар оилаи деҳқон (боғбон) таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик. Узви иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, узви Конфедератсияи байналхалқии журналистон. Соли 1954 мактаби тоҷикии ба номи Горкийи зодгоҳашро хатм карда, ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуд. Соли 1959 ба Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Тоҷикистон ба кор гузашт. То соли 1970 дар идораи маҷаллаи «Тоҷикистон», шуъбаи адабию драмавии радиои ҷумҳурӣ ва рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») дар вазифаҳои мухталиф кор кард. Соли 1972 аспирантураи назди Академияи улуми Тоҷикистонро хатм намуда, дар мавзӯи «Лирикаи назми шуравии тоҷик (солҳои 30)» рисолаи номзадӣ навишт. Ҳафт соли умраш (1978-1984) ба ҳайси тарҷумон дар Афғонистон гузашт...»

– Ба «Овози тоҷик» кай ва чӣ хел ба кор омадед? – мепурсам аз устод.

– Соли 1984 буд. Барои нигоҳубини падари пир ба зодгоҳ баргаштам. Нусхае аз рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ба дастам афтод. Эълоне дошт: «Рӯзнома дар ҷустуҷӯйи мухбир дар вилояти Сурхондарё аст!» Зуд ба номи сардабир Шавкат Ниёзов номае навиштам. Мухтасар буд номаи ман: «Қалам ҳаст, хоҳиш ҳаст, мошин ҳаст! Узви Иттифоқи журналистони ИҶШС, Истад Қосимзода.» Маро барои суҳбат ба Тошканд даъват карданд. Пас аз дидору мулоқот ҳамроҳи шодравон Шавкат Ниёзов ба як идораи бонуфузи ҳизбӣ рафтем ва ба ман расман ҳуҷҷати рӯзномаро супориданд, ки дар он харбарнигори рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» дар вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё сабт шуда буд. Ҳамин тавр ман байни ду вилоят мокувор давида, то ибтидои соли 1991 дар ин вазифа кор кардам.

Бале, «Овози тоҷик» он замон обрӯманд буд ва бо теъдоди зиёд ба нашр мерасид. Истад Қосимзода дар байни аҳли қалам зуд мавқеъ ёфт. Ӯ дар ҳама жанрҳои журналистика мақолаҳо менавишт, дар жанри фелетон дасти тамом дошт. Фелетонҳояш вайро зуд машҳур карданд. Дере нагузашта, ҳам хонандагон шинохтандаш ва ҳам раҳбарон.

– Барои обунаи «Овози тоҷик» дар вилоятҳои Сурхондарёву Қашқадарё идорае намонда буд, ки сар нахалонда бошам, – ба ёд меорад ӯ такопӯйи он солҳои ҳаёти худро. – Хеле меҳнат мекардем. Бо муштариёни худ робитаи зич доштем. Хоса, ба мактуби хонандагон эътибор баланд буд. Агар навиштаҳои хонандагон сарфи назар шаванд, оҳиста-оҳиста робитаҳо низ қатъ меёбанд. Он замонҳо тоҷикон бедортар буданд, ору номусашон пойбарҷо буд – ба фарқи сиёҳу сафед мерафтанд, ғолибан, қандро аз қурут зуд ҷудо мекарданд. Рӯзномаҳо чашми ҳукумати вақт ба ҳисоб мерафтанд!

(Давомаш дар саҳ.4).

# 5.ЛАВҲИ ДИЛИ ХУД ЗИ РАНГИ НОДОНӢ БИШӮ...

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба майдони адабиёти маорифпарварӣ як гурӯҳ ҷавонони илму донишпарвар ворид шуданд, ки дар байни онҳо Абдуқодир Азизов (Ҷомеъ) буд ва бо шеърҳои баландғояи худ мавқеи хуб дошт. Ӯ зодаи Самарқанд буда, соли 1890 дар гузари Ҳавзи баланди шаҳр дар оилаи Азиз ном косиби камбағал таваллуд шудааст. Ҷомеъ дар овони ҷавонӣ аз меҳру муҳаббати падар ва модари ғамхораш бенасиб монд. Ин аст, ки тарбияи ӯро ягона холаи босаводаш ба зиммаи худ мегирад. Холааш ба мушкилиҳои ҳаёту зиндагӣ нигоҳ накарда, ба саводнокшавии Абдуқодир ҳаракат мекунад. Зеро ҷиянаш зеҳни баланд ва ҳофизаи мустаҳкам дошт. Аз тариқи худомӯзӣ навиштани хат ва баъзе калимаҳоро ёд гирифта буд. Холааш ӯро барои илмомӯзӣ ба мактаби дар гузари Шарбатдор воқеъ будаи муаллим Абдуқодир Шакурӣ бурда мемонад.

Талабагон дар ин мактаб баробари фанҳои динӣ, илмҳои дунёвӣ, аз ҷумла география, табиатшиносӣ, забони модарӣ, илми ҳисобу саводро низ меомӯхтанд. Муҳити таълимгоҳи мазкур ба васеъ шудани ҷаҳонбинии Абдуқодир таконе шуд. Акнун ӯ ҳодисаҳои табиӣ ва воқеаҳои ҷамъиятии ҳамон давраро ба таври худ мушоҳида менамуд ва барои ба зиндагии фаровон ноил гаштан ҳаракат мекард. Ӯ мебоист ба рӯзгори камбағалонаи холааш кумак расонад. Бо ҳамин мақсад ба усто Юсуфи саҳҳоф, ки дуконаш дар назди майдони Регистон воқеъ буд, шогирд шуд, ду сол кор карда, асрори ин касбро ба хубӣ омӯхт. Баъд дар 15-солагӣ дар гузари Кӯкмасҷиди шаҳр худаш дукони саҳҳофӣ кушод. Дере нагузашта номи Абдуқодир ҳамчун саҳифабанд дар шаҳр ва берун аз он маълуму машҳур гардид. Дукони ӯ ба макони маърифат табдил ёфт. Шоир ва маърифатпарварони замон, аз ҷумла Васлӣ, Сиддиқӣ, Беҳбудӣ, Ализода ва ғайра зуд-зуд инҷо омада, дар мавзӯъҳои шеъру шоирӣ суҳбатҳо мероростанд. Абдуқодир, ки шеърҳои навмашқона эҷод мекард, дар ин гуна суҳбатҳо навиштаҳои худро ба аҳли суҳбат нишон медод. Байту мисраъҳои шоири ҷавон, махсусан Васлии Самарқандиро, ки аз шуарои тавоно маҳсуб меёфт, дар ҳайрат мегузоштанд. Ҳамон солҳо бо ташаббуси маърифатпарвари замона Исматулло Раҳматуллозода курси махсуси такмили ихтисоси муаллимон ташкил карда шуд ва шоири ҷавон, ки бо тахаллуси Ҷомеъ шеър менавишт, бо маслиҳати Шакурии мактабдор дар ин курси махсус соҳиби маълумоти муаллимӣ гардид.

Аз ҳамон солҳо, Абдуқодир баробари касби саҳҳофӣ якҷо бо Абдуқодир Шакурӣ ба касби муаллимӣ машғул мешавад. Муаллими ҷавон дар ин таълимгоҳ бо шоирони ҳамон давр ҳамкорӣ карда, дар ҷодаи эҷод маҳорати худро сайқал медиҳад ва навиштаҳояш оҳиста-оҳиста рӯйи чопро мебинанд. Шоирони номдори давр Сиддиқию Васлӣ Ҷомеъро ҷонибдорӣ карда, ба эҷодиёти ӯ баҳои баланд медиҳанд. Зеро ӯ ба навиштаҳои шоирони забардасти классики тоҷик Камоли Хуҷандӣ, Низомии Ганҷавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Туғрали Аҳрорӣ ва дигарон далеронаву огоҳона пайравӣ мекард. Аммо шоир баъдтар сарфаҳм меравад, ки дар замони нав бояд шеъри нав эҷод кунад. Ин аст, ки Ҷомеъ дар шеърҳои баъдинаи худ дар мавзӯи маърифатнокии мардум, ташкили мактабҳои усули нав, саводнокии насли наврас, омӯхтани илмҳои ҷаҳонӣ қалам мезанад. Аз ҷумла:

*Гар аз кайфияти сарчашмаи ирфон*
*хабар дорӣ,*
*Ба ғайр аз бодаи ирфон аз ин соғар*
*наменӯшӣ.*
*Ҳамеша бодаи гулгун нагардад аз*
*кафат берун,*
*Зи дасти соқии гардун шароби*
*маърифат нӯшӣ.*
*Намонад, Ҷомео, ҷомат тиҳӣ аз бодаи*
*даврон,*
*Дар ин овони беармон барои илму*
*фан кӯшӣ.*

Ҷомеъ акнун ба шоири мубориз табдил ёфта буд. Ӯ ба замона бо назари танқидӣ менигарист. Мустабидони дурӯяро чашми дидан надошт. Баъзе корҳои ношоистаи истилогарони русро мефаҳмиду ба онҳо бо чашми нафрат менигарист, мардумро ба корҳои сазовори манфиати халқ, аз тариқи илм ба кушодани дарҳои баста, пешравӣ тарғибу ташвиқ мекард:

*Лавҳи дили худ зи ранги нодонӣ бишӯ,*
*Ҷуз манфиати халқ накӯномӣ маҷӯ.*
*Дар хидмати халқ доимо қоим бош,*
*Монад зи ту дар ҷаҳон ҳамин*
*номи накӯ.*

Шоир хеле мехост, ки мардуми маҳаллӣ, камбағалу бечора барои зиндагии фаровон саъй кунанд, худогоҳ, ҳимоятгару мададгори якдигар бошанд, ҳаққу ҳуқуқи худро донанд. Роҳҳои гуногуни ҳаёти фаровонро ҷустуҷӯ кунанд. Ба ноадолатиҳои давру замон одилона чораҷӯйи намоянд.

Акнун илҳоми Ҷомеъ ҷӯш мезад. Ӯ бисёртар вақти худро дар китобхонаи воқеъ дар шафати майдони Регистони шоири мубориз Сиддиқии Аҷзӣ мегузаронд. Бо маърифатпарварони гуногун ҳамсуҳбат мешуд. Баробари ин, бо касби дӯстдоштааш – саҳҳофӣ низ машғул мегашт. Ба саҳифабандии китобҳои ҳамзамононаш аз наздик ёрдам медод. Ғайр аз ин, Шакурӣ ва фаъолияти мактаби ӯ барои ҳаматарафа омӯхтани донишҳои дунёвӣ ва бо таълиму тарбияи наврасон мукаммал машғул шудани Ҷомеъ ҳамчун мактаби ҳаёт хидмат мекард. Зеро дар ин таълимгоҳ баробари маорифпарварони маҳаллӣ аз Бухоро Айнӣ, Мунзим, Ҳамдӣ низ зуд-зуд омада, доир ба пешрафти маориф ва тараққиёти ҷамъияти нав суҳбатҳо ташкил менамуданд. Дар ин гуна шабнишиниҳо Ҷомеъ низ фаъолона иштирок мекард.

Солҳои 30-юми асри гузашта якбора ба таври оммавӣ таъқибкунӣ оғоз гардид ва шоир, нависандагону муаллимони мубориз пасу пеш ба маҳбасхонаҳои гуногуни Русия фиристода шуданд. Дар қатори онҳо Абдуқодир Азизов (Ҷомеъ) ҳам ба тӯҳматҳои гӯшношунид аввал чанд муддат ба колонияи меҳнатии вилоятии Саратов ва солҳои 1943-45 ба кони Урали шимолӣ ҳамчун боркашон фиристода мешавад. Ӯ ба меҳнати вазнин ва хунукиҳои фасли зимистон мардонавор тоб оварда, охирҳои соли 1945 ба Самарқанд бармегардад. Аммо сад афсус, ки оилааш ва ду духтараки норасидааш бо сабаби бемориҳои гуногун нобуд шуда буданд. Ҳамин рӯзҳои сахт ва пурсӯзро Ҷомеъ дар байтҳои зеринаш ифода кардааст:

*Синаи фарохи ман аз ҷафо чу*
*чашми мӯр,*
*Зери пойи ҳар нокас поймолу*
*танг омад.*
*Аз ҷафои номардон, Ҷомеъ гашта*
*саргардон,*
*Бар сарам гарониҳо бо ҳазор*
*ранг омад.*

Чӣ илоҷ? Ҳаёт идома дошт. Бояд аз пайи коре шуд. Шоир маҷбур мешавад ба таври пинҳонӣ боз бо касби пешинаи худ – саҳҳофӣ машғул гардад.

Қобили қайд аст, ки Ҷомеъ сарфи назар аз сахтиҳои зиндагӣ аз пайи эҷод мешавад. Дар шеъру ғазалҳояш ватандӯстӣ ва ишқу муҳаббати инсониро таранnum мекунад. Аммо аз чӣ сабаб бошад, саҳифабандию китобат кардани асарҳояшро ихтиёр намекунад. Оҳиста-оҳиста чанд дӯстони деринааш дар хонаи Ҷомеъ ҷамъ шуда, аз пайи нашри китоб ва дигар корҳои маърифатӣ мешаванд. Дар ин гуна шабҳои адабӣ бисёртар шеърхонӣ то поси шаб давом мекард. Гуфтан ҷоиз аст, ки ин гуна тадбирҳо дар хонаи Ҷомеъ аксар пинҳонӣ мегузаштанд. Зеро алҳол Абдуқодир Шакурӣ, Ҳоҷӣ Муин барин даҳҳо шоиру маорифпарварони пешқадам ба доми репрессия гирифтор шуда буданд. Вале боз кори шоири бечора омад накард. Воқеа ин тавр шуда буд.

Шаби 26-уми ноябри соли 1950. Дар хонаи Ҷомеъ дӯстонаш, хатмкунандагони мактаби Шакурӣ, равшанфикрон Шариф Ҷӯраев ва Набӣ Воҳидов ҷамъ шуда, чун анъана дар атрофи як пиёла чой ғарқи суҳбат буданд. Якбора дари ҳуҷра тарақ-қосзанон кушода шуда, 3-4 нафар шахсони либоси низомипӯш ҳар сеи онҳоро гирифта мебаранд. Дар вақти кофтукови хона чанд китоби динӣ ва асарҳои Шакурӣ, Беҳбудӣ, Сиддиқӣ, Исматулло Раҳматуллозодаро пайдо мекунанд. Ҳайати суди вилоят дар айбномаи худ чунин навиштааст.

*«Абдуқодир Азизов (Ҷомеъ) дар фаъолияти муаллимиаш чун Шакурӣ хонандагонро дар рӯҳи зиддисоветӣ тарбия кардааст. Дар шеърҳояш низ ҳамин ҳолатро такрор мекунад. Дар солҳои револютсия ҳамчун ҷадиди миллатчӣ ба корҳои зиддисоветӣ машғул шудааст, ӯ душмани халқи советист».*

Ин хулоса аз ҷониби сардори садорати Вазорати бехатарии давлатии (ВБД) вилояти Самарқанд, майор Расулов тасдиқ гардида, Ҷомеъ ба муддати 25 сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад. Тақдири ду нафар дӯсти шоир низ бо ҳамин ҳолат хотима меёбад.

Ҷомеъ чанд муддат дар ҳабсхонаҳои Ӯзбекистон нигоҳ дошта шуд, сипас азобу машаққати ҳабсхонаҳои Русияро чашид. Мо ин фикрро аз худ набофтаем. Дар зери шеърҳои ҳабсхонавии шоир баробари зикри номи шаҳри Бекобод, шаҳрҳои Ленинграду Саратов сабт шудаанд.

Соли 1953 Сталин вафот карду ба зиндониён шамоли озодӣ расид. Маҳкумшудагон бо навбат ба оилаҳояшон бармегаштанд. Ҷомеъ ин рӯзро бо умед интизор буд. Ниҳоят, 24-уми июни соли 1956 бо ҳукми ҳайати ҳарбии суди олии Шӯравӣ номи ӯ аз нав сафед карда шуд.

Баъди бозгашт ба ҳавлии падарӣ шоир танҳоиро эҳсос мекунад. Хешу табору дигар наздикон кайҳо вафот карда буданд. Ӯ ба Самарқанди азизаш, халқи маърифатнокаш ва дӯстони аҳли фарҳангаш нигариста, маҳзунона мегӯяд:

*Бар даргаҳат аз баҳри паноҳ омадаам,*
*Бо мӯйи сафед, рӯсиёҳ омадаам.*
*Афтодаам аз пой, зи дастам баргир,*
*Бо ҳоли табоҳу узрхоҳ омадаам.*

Шоир он вақт 66-сола буд. Дӯстонаш ӯро бо хурсандӣ қабул карда, аз пайи таъмири шикасту рехти ҳавлӣ ва дарёфти зани меҳрубон шуданд. Шоир тӯйи никоҳии хоксорона карда, бо Моҳтура ном зан издивоҷ мекунад. Соҳиби чанд нафар духтару писар мешавад. Чанд муддат бо омӯзгорӣ ва китобдорӣ машғул шуда, дар тартиб додани китоби дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳиссаи муносиб мегузорад. То дами вопасинаш, ки 96 сол умр дид, шеъру ғазалҳо иншо мекунад.

Ба қарибӣ ман ба ҳавлии писари Ҷомеъ – Нодирҷон Азизов рафтам. Ӯ «аз падарам ба мо ҳамин дастхатҳои шеърӣ ва баъзе ҳуҷҷатҳои расмӣ мерос мондааст» гуфта, папкаи калонеро дароз кард. Дар он тақрибан 500-600 шеъри дар давраҳои гуногун бо ҳарфи форсӣ навиштаи Ҷомеъ ҷой дошт, ки китобат нашудаанд. Танҳо устоди Донишкадаи забонҳои хориҷии Самарқанд Зебуннисо Хуррамова соли гузашта як ҷузъи шеърҳои Ҷомеъро ҷамъ карда, аз нашр баровард, ки аз ин кори хайр бешубҳа, рӯҳи шоири ҷафодида шод хоҳад шуд.

**Ҳамза ҶӮРА.**

*САМАРҚАНД.*

# «ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ»

## ё худ чанд андеша дар ҳошияи китоби академик Абдуҷаббор Раҳмонзода «Дипломатия, фарҳанг ва сиёсат»

Китоби Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, академик Абдуҷаббор Раҳмонзода «Дипломатия, фарҳанг ва сиёсат» дар нашриёти «Ilm-Ziyo Zakovat»-и шаҳри Тошканд ва КВД КТН «Шарқи озод»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон рӯйи чопро дидааст. Дар ҷустуҷӯйи моҳияти мафҳумҳои сиёсат ва дипломатия машғул шудам. Аввал китоби Абдуҷаббор Раҳмонзодаро хондам. Дар дарки истилоҳот ва ибораҳои «дипломатия», «фарҳанг», «сиёсат» ва «неруи нарм» дастёб гардидам. Бо вуҷуди ин ба саҳифаи «Вожаҷӯ»-и шабакаи Facebook муроҷиат намудам.

Дарёфтам, сиёсат – ин фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, ҳизб ва ё гурӯҳи одамон аст, ки дар дохили давлат ва ё хориҷ манфиатҳои ҳамин гурӯҳ (ҳоким)-ро ҳифз ва дар амал татбиқ менамояд.

Дипломатия бошад – ин восита ё усули амалӣ намудани сиёсати хориҷии давлат аст. Он воситаест, ки давлатҳо байни ҳам дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ созиш мекунанд. Сиёсат мафҳуми васеътар буда, дипломатия ҷузъе аз он аст. Дипломатия вожаи юнонӣ буда, «дип» – бе, ва «ломатия» – дашном, яъне изҳороти хушоянд, ҳамкории бедашном мебошад. Ба таъбире дипломатия забони сиёсат аст.

Имрӯз аз тариқи расонаҳои оммавӣ бо ибораҳои «дипломатияи фарҳангӣ» ва «неруи нарм» дучор меоем. А. Раҳмонзода менависад: «Бо пайдо шудани мафҳумҳои «неруи нарм» ва «дипломатияи фарҳангӣ» дар муносибати байни давлатҳо мавқеи фарҳанг нақши меҳварӣ бозида, саҳми намояндагони он дар таҳкими муносибатҳои дӯстона ниҳоят баланд гардид». «Дипломатияи фарҳангӣ» имконият медиҳад, ки давлат аз олимон, ходимони соҳаи адабиёту санъати давлати дигар баҳри рушду такомули саноату фарҳанги хеш истифода бубарад.

Муаллифи китоби «Дипломатия, фарҳанг ва сиёсат» зимни мусоҳибааш бо муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик» Тоҷибой Икромов, ки дар китоб ғунҷоиш ёфтааст, доир ба дипломатияи фарҳангӣ, яъне робитаҳои мадании ду кишвар, ки дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст, ибрози ақида менамояд.

Муаллиф мегӯяд, ки «дипломатияи фарҳангӣ» ба қисми таркибии дипломатияи мардумӣ табдил ёфта, маҷмӯи ҳамкориҳоеро, ки дар соҳаи фарҳангу сиёсат миёни давлат, созмон ва институтҳои байналмилалӣ сурат мегиранд, дарбар мегирад. Мисолан, соли 2022 чорабиниҳои зиёди фарҳангию адабӣ миёни ду кишвар баргузор гардиданд.

Дар маҷмӯъ, туфайли дипломатияи фарҳангӣ миёни ду кишвари ҳамҷавори ба ҳам дӯст дар соҳаҳои фарҳанг, илму маориф, санъату ҳунар ҳамкориҳо густариш ёфта, пешравиҳои назаррас ба мушоҳида мерасанд. Ин ҳама дар асари Абдуҷаббор Раҳмонзода «Дипломатия, фарҳанг ва сиёсат» возеҳу равшан ва боварибахш инъикос ёфтаанд.

(Давомаш дар саҳ.4).



*Дар Донишкадаи давлатии педагогии Қӯқанд алҳол дар 24 самти ихтисоси бакалавр, 8 самти ғоибона ва 16 самти магистратура, ҷамъ 16 ҳазор нафар донишомӯз таҳсил мегиранд.*

*Базаи моддӣ-техникии донишкада ба талаби имрӯз ҷавобгӯ буда, дар он қариб 30 хонаии донишомӯзӣ, зиёда аз 20 хонаи хонишиву лабораторӣ, стадион, майдонҳои волейболу баскетбол, 3 толори пӯшидаи варзишӣ ва маркази ахбор-захираи дорои фонди 200 ҳазор китоб, инчунин барои талабагон 3 хобгоҳи шароиташон мусоид мавҷуд мебошад. Ба донишҷӯён зиёда аз 500 нафар профессору омӯзгорони соҳибмалака сабақ меомӯзанд. Бояд таъкид кард, ки донишкада соли 2022 аз рӯйи натиҷаи рейтинги миллии самаранокӣ байни 76 муассисаи таълими олӣ ҷойи 21-умро гирифта буд.*

***Дар сурат:** дар Донишкадаи давлатии педагогии Қӯқанд.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

# МУҲОФИЗОНИ ВАТАН – БОИСИ ИФТИХОРИ МО

***Дар шуъбаи тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тирмиз бахшида ба 14-уми январ – Рӯзи муҳофизони Ватан чорабинӣ баргузор гардид. Дар он донишҷӯёну устодони факултети забони русӣ, забонҳои бародар ва дигар меҳмонон ширкат варзиданд.***

Раиси Маркази миллии тоҷикони вилояти Сурхондарё, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва забонҳои Шарқ Рамазон Абдуллоев аз хотироти ҷанги афғон, ки тӯли ду солу ду моҳ дар он иштирок дошт, ба ёд оварда ба донишҷӯён нақл кард.

– Мо шукрона бояд кунем, ки дар чунин як даври ободу осуда зиндагонӣ дорем ва ба қадри ҳар як лаҳзаи умри гаронбаҳои хеш расида, дар ҷодаи илму маърифат ҳамеша бо ҷидду ҷаҳд дар саъю кӯшиш бошем ва ояндаи дурахшони худро пайдо намоем, – гуфт Р.Абдуллоев.

Дар анҷоми чорабинӣ ба як гурӯҳ донишҷӯён ва муаллими Донишгоҳи давлатии Тирмиз Ҷамшед Ҷумъақулов барои иштироки фаъолонаву ғолибият дар озмуни шеърии «Тулӯъи сабзи ранг» сертификату сипосномаҳои ҳайати доварон ва китоби «Ибрат», ки бахшида ба 60-умин солгарди таваллуди Рамазон Абдуллоев мунташир гардида буд, тақдим карда шуд.

**Шукруллоҳ СИРОҶ,**
**донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

# АЗ ДОМАНИ «ОВОЗ...» ТО ОҒӮШИ «САДО...»

(Аввалаш дар саҳ.3).

Вай аз тағйири муносибати ҳаммиллатон ба мактабу маорифи тоҷик, китобу рӯзномаҳо, хуллас, ба арзишҳои маънавии миллиамон дар Ӯзбекистон ҳайрон шуда, ноаён ҷабин чин мекунад. Боз байни мо баҳс бобати рӯзномаву хонандаи «хоболуди он» гарм мешавад...

Ман ин баҳси охираш нопайдоро муддате гӯш карда, аз устод пурсидам:

– Рӯзномаи «Садои Сурхон» чӣ хел арзи ҳастӣ кард?

– «Садои Сурхон» барои ман чун фарзандам хеле азиз аст ва лаҳзаи тавлиди онро хеле хуб дар ёд дорам. Гелдимурод Саидмаликов, сармуҳаррири рӯзномаи «Ленин байроғи» (ҳоло «Сурхон тонги») маро даъват карда гуфт, ки барои тоҷикон як рӯзномаи алоҳида ба нашр расонем, чӣ хел мешавад? Як сол ин ҷониб саҳифаи сеюми «Ленин байроғи»-и вилоят ба забони тоҷикӣ нашр мегашт ва масъули он Эркин Муқимов буд. Барои ҳар рӯзнома саҳифаи сеюм хеле муҳим ҳисобида мешуд. Зеро маводи он, ки бештар адабӣ, маънавӣ ва маърифатӣ буданд, хонандаи зиёд доштанд. «Ленин байроғӣ», ба гуфтаи сармуҳаррираш, саҳифаи сеюми худро аз даст дода, аз хонандагони сершумораш маҳрум гашта буд, ё шояд ҳамин саҳифаи тоҷикӣ ба чашми баъзе кӯрдилон мисли хор мехалид, хуллас, масъалаи ташкил намудани рӯзномаи алоҳидаи тоҷикӣ пеш омад. Ман ин пешниҳоди Гелдимурод Саидмаликов, фарзанди фарзонаи туркмантаборро ҷонибдорӣ кардам ва ҳукумати вақти вилоят авохири соли 1990 барои таъсиси як рӯзномаи тоҷикӣ бо номи «Садои Сурхон» иҷозат дод. Индекси обунаро он замон Маскав медод. Ман ба Маскав рафтаву аз Почтаи умумииттифоқӣ индекси обунаро гирифтам...

– Оё нашри нахустин шумораи «Садои Сурхон»-ро дар ёд доред?

Устод қомати худро рост гирифта, хаёле ба он замонаи дур рафт, ба ҳар кадоми мо алоҳида нигарист ва моро комилан гӯшу ҳуш ёфта, ба нақл пардохт:

– Арафаи Соли нави 1991 буд. Барфи зиёде боридагӣ. Сармуҳаррир, ман, ҷонишини сармуҳаррир Турдиқул Ҳасратов, котиби масъул Исмат Ҳалимов, кормандон Боймурод Шарифов, Искандар Халилов (Музаффарзода), Муҳаббат Қосимова... барои нашри рӯзнома дар матбаа ҷамъ омадем. Намояндагон аз ноҳияҳо низ ҳузур доштанд. Бо роҳбарии Муҳаммадӣ Ҷӯраев тамоми кормандони матбаа дар садади як воқеаи таърихӣ даст ба кор буданд ва ҳама интизорӣ мекашиданд, ки пас аз нашри рӯзнома ба хонаҳо раванд ва дар сари дастархони Соли нав хурсандӣ кунанд. Ҳуруфчини матбаа беист маводи омодашударо мечид. Ин замон барқ хомӯш гашт. Дар сар фикрҳои мухталиф пайдо мешуд. «Боз бадбинӣ, боз нотавонбинӣ, халал расонданҳо...»

Аммо маълум гардид, ки дар қарибии меҳмонхонаи «Шарқ» садамае рух дода, ноқили барқ тахриб ёфтааст. Зуд ба идораи барқи ноҳия рафтам. Ба сарвари он ҷаноби Пак, марди ситорагарми корейстабор, арзи муддао кардам. Мо ҳамроҳ ба маҳалли садама омадем. То ин дам мардум барфи он ҷойро тоза карда буданд, аммо имкони бел задан набуд – замин ях баста буд. Раҳбари идораи барқрасони ноҳияи Деҳнав экскаватор ёфт ва он техникаи девкор дар як дам чоҳе канд. Симҳои тахрибшударо пайдо намудем, аммо мутахассис набуд, ки онҳоро васл созад. Ҷаноби Пак худ ин корро ба сомон расонид. Ман аз ин марди наҷиб то дунё ҳаст, сипосгузорам. Баъд дубора корҳо шурӯъ шуданд ва хуллас, мо соати даҳи шаб рӯзномаро аз дасти чоп гирифтем. Даста-даста «Садои Сурхон»-ро гирифта оғӯш мекардем, бӯй мекашидем, ба чашм мемолидем. Нашри нахустин шумораи рӯзнома бароямон басо дилнишин ва нишотангез буд. Бо ашкони шашқатору дар бағал бастаҳои рӯномаи тоҷикӣ, ба хонаҳои худ пароканда шудем. Ману Турдиқул Ҳасратов пиёда то вокзали роҳи оҳан омада, ба истгоҳи роҳи оҳани Сариосиё расидем. Чун ба шаҳраки Шарғун омада ба хона даромадам, ақрабаки соат рӯйи 12.00 қарор гирифта буд, Соли нави 1991 оғоз гардид...

Устод қиссаи нашри нахустшумораи «Садои Сурхон»-ро нақл карда, инони гиряро сар дод. Қомати хамидааш хаёле ларзид.

– Ин ҳам ашки шодӣ аст, ҳам ашки ҷудоӣ, – гуфт ниҳоят худро ба даст гирифта. – Ҳамин хел аз домани «Овоз...» ба оғӯши «Садо...» омадам. То соли 1996 сармуҳаррири рӯзнома будам. Нашри ҳар шумораи «Садои Сурхон» бароям ҳукми як ҷашни мутантанро дошт.

– Баъд чӣ шуд, ки аз кори табъу нашр канор рафтед?

– Хостам аз пайи эҷод шавам ва аз як ҷиҳат хуб ҳам карда будаам. Минбаъд романҳои «Ялафканд» ва «Тиллоҳои амакам»-ро навиштаву дар шакли китоби алоҳида нашр намудам. Ба кори тарҷумаи бадеӣ дасту остин барзадам. «Рӯзгори мозӣ»-и Абдулло Қодирӣ, «Қиёмат»-и Чингиз Айтматов, «Кимёгар»-и Пауло Куэло, «Сиёсатнома», Поэтика», «Китоби бузурги ахлоқ»-и Арасту, «Саодатнома»-и Юсуф Хос Ҳоҷиброро тарҷума ва нашр кардам...

Қосимзода даҳ соли умри худро дар нашриёти «Адиб» гузаронида, дар тарҷума ва нашри китоби афсонаҳои мардумии Корея, Арманистон, Туркманистон, Озарбойҷон ва Белорус саҳми арзандае гузоштааст. Чаҳор ҷилди (4, 5, 6, ва 7) романи нӯҳҷилдаеро дар бораи Ҳайдар Алиев, Президенти собиқи Озарбойҷон, тарҷума кардааст. Хуллас, ӯ ҳамеша даст бо эҷод зиндагӣ карда, барои ғановати адабиёт заҳмат кашидааст. Сари синаи ӯро нишоне оро медиҳад. Устод бо фахр мегӯяд, ки ин нишонро Иттифоқи нависандагони Белорус ба ӯ додааст, ки «Барои хидматҳои шоён дар соҳаи адабиёт ва санъат» ном дорад.

Адиб фаъолияти солҳои охири худро якяк зикр карда, дубора ба ёди ҳамон рӯзномаи дӯстдоштааш – «Садои Сурхон» меравад, ки асосгузораш буд.

– Мо рӯзномаи «Садои Сурхон»-ро аз сифр ба дараҷае расонда будем. Аммо басо алангез аст, ки он соли 2005 қатъи фаъолият кард ва ин як фоҷеаи миллист. Шароф Каримов (сармуҳаррири вақти рӯзнома) ҳадди ақалл ҳуҷҷатҳои онро ба бойгонӣ насупоридааст. Хаёл кардааст, ки «қаҳрамониҳояш» аз чашми таърих дур хоҳанд монд.

Устод боз ашк рехт. Аммо ин ашки ҷудоӣ басо талх буд, тазйиқаш баръало ҳис мешуд, ки ба дилҳои мо низ асар кард.

Ҳини бозгашт, ҳарчанд он хотироти ғамангез дар чеҳраи ӯ соя меафкananд, худро хушнуд вонамуда:

– Мисли «Овози тоҷик» умри дароз бинед, шогирдон, ман аз шумо хеле сипосгузорам, – гуфт даст ба дуо бардошта. – «Овози тоҷик»-ро бояд тоҷикон чун гавҳараки чашм ҳифз кунанд. Вале кушандаи «Садои Сурхон-ро на ман ва на таърих мебахшад. Бигзор, аз он дар бойгониҳо ҳуҷҷате маҳфуз нест, аммо дар ёддоштҳои мо таърихи он рӯзгорон сабт хоҳад шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Муштарии азизи мо шояд сарлавҳаро хонда гумон кунад, ки дар гузориш роҷеъ ба ягон омӯзгори варзидаву собиқадор сухан меравад. Аммо мо аз боби фаъолияти як нафар ҳамзамони худ нақл хоҳем кард, ки дар оилаи омӯзгорон ба дунё омадааст. Факултаи таърихи Донишкадаи давлатии омӯзгории Фарғонаро хатм кардааст ва бо тақозои ҳаёт сари кори дигареро гирифтааст.

Ҳамсуҳбати мо роҳбари Ҷамъияти саҳҳомии маъсулияташ маҳдуди «Фарғона иссиқлик таъмир» ва мушовири ҳокими шаҳри Фарғона дар умури марказгармӣ Улуғбек Пӯлатов мебошад. Ширкате, ки марбути вай мебошад, дар шаҳраки Киргилии шаҳри Фарғона воқеъ гаштааст. Бинои маъмурӣ ва корхонае, ки дар шафати он қарор дорад, дастикам як гектар масоҳатро ташкил мекунад. Он ҷо як гурӯҳи чиҳилнафарии харротону челонгарон ва коргарони дигар ба сохтани печҳои хурду бузург ва таъмиру тармим машғуланд.



# ОМӮЗГОР БОЯД ДОНИШИ ХУДРО МУНТАЗАМ ТАКМИЛ ДИҲАД

– Падарам Юсуф Пӯлатов 48 соли ҳаёти худро ба кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бахшидааст. Аспирантура ва докторантураро дар шаҳри Маскав ба итмом расонидааст. Модарам – Озодахон соли 1978 факултаи суханшиносии Донишкадаи омӯзгории Фарғонаро хатм кардааст. Замоне, ки падарам дар Маскав машғули таҳсил буд, маоши модарам маблағи мавриди ниёзи хонаводаро бароварда намесохт. Барои ҳамин вай, дар баробари кори омӯзгорӣ, ба яке аз сехҳои ҳасиббарории шаҳр ба кор даромада, ҳам ба падарам андак маблағ ирсол менамуд, ҳам моро мехӯронду мепӯшонид,– мегӯяд Улуғбек Пӯлатов бо ифтихор.

Аз суҳбати вай бармеомад, ки Юсуфака баъди ҳимояи рисола дар мавзӯи умумии «Методикаи таълими фанни физика» дар донишгоҳ ба ҳайси мудири кафедра кор кардааст. Вай шогирдони зиёдро тарбия намуда, ба шоҳроҳи ҳаёт ҳидоят кардааст, ки онҳо ҳоло дар арсаҳои гуногуни хоҷагии халқ босамар меҳнат мекунанд.

Аз Улуғбек Пӯлатов пурсидам, ки чӣ гуна, ба истилоҳ таърихчӣ, ба мутахассиси варзидаи марказгармӣ табдил ёфт.

– Солҳои хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи шуравӣ дар шаҳри Ярослав вақтҳои холиамро ба китобхонӣ сарф мекардам. Вақте ки маро дар яке аз марказгармиҳои қисми ҳарбӣ ба кор таъин намуданд, дар муддати камтар аз ду соли хидмати аскарӣ ҷиддӣ ба кор часпидам ва рафта-рафта ба мутахассиси хуби ин соҳа табдил ёфтам. Баъди бозгашт аллакай медонистам, ки ба чӣ кор машғул хоҳам шуд, – посух дод ҳамсуҳбатам.

Ширкати хусусии «Фарғона иссиқлик таъмир» асосан ба гарм кардани биноҳои муассисаҳои Садорати таълими томактабӣ ва мактаби вилоят машғул мебошад. 65 кӯдакистон ва 60 мактаби шаҳрро маҳз ҳамин ширкат бо гармӣ таъмин мекунад. Улуғбек Пӯлатов дар ин замина мегӯяд, ки кӯдакону наврасон набояд дар фасли сармо хунук хӯранд. Барои онҳо дар ҳар гуна ҳолату вазъият бояд шароите фароҳам оварда шавад, ки танҳо саргарми хондану омӯхтан бошанд ва аз пахши ҳар гуна бемориҳои сироятӣ тахти ҳимоят қарор гиранд.

**– Дар шаҳри Фарғона ва шояд дар чанд шаҳру ноҳияи дигари вилоят низ, чунин ба назар мерасад, ки биноҳои истиқоматии баландошёнаи дар замони шуравӣ эъморгардида бо роҳҳои гуногун гарм карда мешаванд. Банда шоҳиди он гардидам, ки қисмати аъзами аҳолии маскуни иморатҳои баландошёна ба воситаи плитаҳои газ хонаҳои худро гарм мекунанд. Наход дар шаҳр роҳи дигари ҳалли ин масъала вуҷуд надошта бошад?**

– Шумо ба қалби ошуфтаи ман нохун задед, бародар. Ман солҳо боз дар фикри он ҳастам, ки дар байни хонаҳои баландошёнаи шаҳрамон чанд марказгармӣ бунёд кунем. Агар ба ин кор муваффақ шавем, рӯзона даҳҳо метри мукааб гази табииро сарфа хоҳем кард. Ҳатто имкон вуҷуд дорад, ба воситаи гази табиие, ки як хонавода истеъмол мекунад, хонаҳои аҳолии ҳамон бинои истиқоматӣ гарм карда шаванд.

**– Пас муаммо дар чист?**

– Ман панҷ маротиба бо пешниҳод ба ҳокимияти вилоят рӯй овардам. Ташреҳ намудам, ки дар сурати анҷоми нақшае, ки барояшон пешниҳод кардаам, мо ба сарфа кардани гази зиёди табиӣ муваффақ мешавем. Муҳимтар аз ҳама, аз фавти ногаҳонии одамон, ки маҳз бар асари бӯи гази табиӣ ҷон ба ҳалокат супурдаанд, қатъан ҷилавгирӣ хоҳем кард. Вақте ки аз Дастгоҳи Раёсати ҷумҳурӣ як гурӯҳи корӣ ба вилоят омад, ҳамин масъаларо низ дар миён гузоштам. Гуфтам, ки фаъолияти 44 гармхонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бояд ба гази табиӣ ва ангишт мубаддал созем. Дар он сурат мо ба миқдори зиёд гази табииро сарфа хоҳем кард. Ин ба он маънист, ки тақрибан 200 метри мукааб гази табиӣ талаф мегардад ва бояд аз он ба манфиати корҳои дигар истифода бурд.

Чунин дарёфтам, ки Улуғбек Пӯлатов беҳуда касбашро дигар накардааст. Вай гуфт, аввалин коре, ки анҷом дод, аз идораи «Сантехгазмонтаж» ҷудо кардани ҶСММ «Фарғона иссиқлик таъмир» мебошад. Вай пинҳон надошт, ки чанд бор ба ин ё он идора барои роҳбарӣ даъваташ карданд, вале мавқеи ҳозираи худро афзал шумурд ва корашро давом дод.

Пӯлатов ғайримунтазира аз филми «Шамшер ва сипар»-и коргардони рус Владимир Басов ёдовар шуд ва афзуд, ки Иоҳан Вайс (Александр Святогаров) ба афсари немис Генрих Шварскоф фаҳмонида тавонист, ки аз ҷанги хонумонсӯз кӯдакони зиёд низ ҷабр мебинанд ва боз тавонист, ки Генрихро истихдом кунад. Баъд ҳарду корҳои зиёдеро анҷом доданд, ки ба нафъи одамони пирӯзӣ аз болои фашизм ниғаронида шудаанд.

– Имрӯз дар як қатор хонаҳо ҳатто кӯдакон аз бӯи газ фавтида ва ё дар ҳолати мадҳушӣ ба бемористон интиқол дода мешаванд. Инро дар мисоли ҳодисае мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ноҳияи Олтиариқ ба вуқӯъ пайваст. Аъзои як хонавода қурбони ин ҳодиса гардид. Мо бояд мисли ҳамон мақол – «Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» амал кунем, ки ба нафъи мардуму давлат равона шудааст. Соли ҷорӣ мисли солҳои гузашта корхонаи мо ҳазор адад деги обгармкунӣ истеҳсол намуд. Онро ба вилоятҳои дигар низ харида мебаранд. Чунки дорои сифати баланд мебошад ва бо гази табиӣ, ангишт ва барқ кор мекунад,– изҳор намуд Пӯлатов.

– Бо ҳаҷми умумии газе, ки аз он аҳолӣ истифода мекунад, мардумро бо барқ низ таъмин кардан имконпазир мебошад. Инро аз роҳи тавлиди барқ ба воситаи гармӣ ба роҳ мондан мумкин аст.

Дар айни ҳол корхонаи ӯ барои марказгармиҳои вилоятҳои Самарқанд, Хоразм, Қашқадарё ва Фарғона дег истеҳсол мекунад. Ашёи хомро аз шаҳри Челябинскии Русия меоранд. Пӯлатов мегӯяд, ки аз соли 1991 ба ин кор машғул аст. Ҳар моҳ панҷ аъзои хонаводаҳои камбизоатро бо нафақа таъмин мекунад. Миқдори ҳар кадоми ин нафақа якуним миллион сӯмӣ мебошад. Инчунин, ҳақи контракти панҷ нафарро низ мепардозад, ки онҳо дар Ҷамъияти саҳҳомии масъулияташ маҳдуди «Фарғона иссиқлик таъмир» кор мекунанд ва дар арафаи гирифтани дипломи маълумоти олианд. Чанд сармоягузори хориҷӣ дар рӯзҳои наздик ба Фарғона ташриф меоранд. Агар кораш барор гирад, боз як-ду лоиҳаеро тахти татбиқ қарор хоҳад дод, ки ба ин васила даҳҳо нафар бо ҷойи кор таъмин хоҳанд шуд.

– Дар шаҳраки Киргили солҳои пеш корхонае фаъолият мекард, ки ба истеҳсоли наххои сунъӣ ихтисос ёфтааст. Он ҷо дар се баст 7-8 ҳазор нафар коргарон кор мекарданд. Ҳоло ба ҷойи ин теъдод ҳамагӣ чор ҳазор нафар ба кор банд ҳастанд. Бобову падарам ҳамеша як маъниро талқин менамуданд, ки агар шохи дарахт хушк шавад, лозим нест, ки ҳамон дарахт аз решу бум бурида шавад, баръакс шохи хушк бояд бурида шавад, то ки шохҳои дигар ба чаҳор тараф паҳн шуда, ҳосили бештар диҳанд, – мегӯяд Пӯлатов.

Ин ҳамсуҳбати мо дар табъу нашри китобҳои зиёди илмиву бадеӣ кумаки молӣ намудааст.

Дар оғози гузориш қайд намудем, ки гузориш дар боби омӯзгор неву дар борои соҳиби касбу кори дигарест, ки дар хонаводаи омӯзгорон зода шудааст ва худ низ факултаи таърихро тамом кардааст. Ҳоло бубинем, ки вай дар бораи кормандони ин соҳаи басо муҳиму масъулиятнок чӣ фикру ақида дорад.

– Соли гузаштаро Президент беҳуда «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» эълон накард. Таълими босифат ба омӯзгорон вобаста мебошад. Агар омӯзгор салоҳияти хуби корӣ надошта бошад, вай шогирдони дуруст тарбия карда наметавонад. Ҳайратам меафзояд, ки баъзе омӯзгорон донишгоҳро хатм кардаанд, вале саводу дониши кофӣ надоранд. Ҳатто ҳангоми навиштани як ҷумла ба чанд хатои имлоӣ роҳ медиҳанд. Дуруст ва бехато навиштан фақат кори омӯзгорони забон ва адабиёт нест! Омӯзгор бояд ҳамеша китобу маҷалла ва рӯзнома хонад, донишу ҷаҳонбиниашро такмил бахшад. Дар акси ҳол вай чӣ гуна метавонад ба шогирдонаш панду андарз гӯяд, онҳоро ба сӯйи фатҳи қуллаҳои дониш ҳидоят намояд? – мегӯяд бо таассуф ҳамсуҳбати мо.

Вай тазаккур дод, ки бибиаш – Ҳурматой дар вилояти Фарғона аз кирмакпарварони машҳур аст. Дар баробари пешаи кирмакпарварӣ вақти холиашро бештар бо китобхонӣ мегузаронд. Аз дигарон низ ҳамеша даъват мекард, ки китоб хонанду саводи худро такмил диҳанд, зеро маҳз китоб манбаи дониш аст.

Ногуфта намонад, ки бо саъй ва эҳтимоми Улуғбек Пӯлатов дар шаҳри Фарғона як мактаби хусусӣ ба фаъолият оғоз намудааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# «ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ»

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ибораи «неруи нарм», асосан истилоҳи дипломатист ва маънои таъсир гузоштани як давлат дар равандҳои сиёсӣ ва дипломатии дигар кишварҳо тариқи иттилоот, фарҳанг, адабиёт, сайёҳӣ ... (бидуни корбурди неруи шадид), яъне ҷангро дорад.

Ин раванд дар ҳаёти сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвари мо низ васеъ ба мушоҳида мерасад. Дар кишвар саноати сайёҳии дохиливу хориҷӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Рушди сайёҳии хориҷӣ дар деҳоти дурдасти кишвар мушоҳида карда мешавад. Ягон тӯю базми деҳаи Синтоби вилояти Навоиро бе иштироки сайёҳони хориҷӣ наметавон тасаввур кард. Чун базм оғоз ёфт, меҳмонон ҳозиру нозиранд. Ҷараёнро ба навор мегиранд. Бо оҳанги тоҷикӣ рақсу бозӣ мекунанд. Бо урфу одатҳои мардумӣ аз наздик шинос мешаванд. Бешубҳа, ин ҳама мушоҳидаву бархурдориҳо дар хориҷи кишвар тарғибу ташвиқ мешаванд.

«Дипломатияи фарҳангӣ» ва »неруи нарм» дар соҳаи таълим боз ҳам беҳтар ба мушоҳида мерасад. Ҷавононояндаи ҷамъият мебошанд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки маҳз мутахассисони соҳибмаълумоти ботаҷриба дар рушду тараққиёти кишвар саҳм мегиранд. Дар кишвар бо мақсади ташаккул ва такмил додани донишу таҷрибаи ҷавонон ислоҳоти калонмиқёс амалӣ мешаванд. Дар шаш соли охир миқдори таълимгоҳҳои олӣ 77 адад афзуда, имрӯз ҷавонони мамлакат дар 170 мактаби олӣ илм ва касбу ҳунар меомӯзанд. Дар Ӯзбекистон 31 бахши донишгоҳҳои кишварҳои хориҷӣ фаъолият доранд.

Барои таъмин сохтани сифат ва самаранокии кори таълим ба донишгоҳҳои кишвар солҳои 2017-2022 6279 нафар мутахассисони хориҷӣ ба кори таълиму тарбия даъват шудаанд.

Тибқи маълумоти Институти оморшиносии назди ЮНЕСКО соли 2019 дар донишгоҳҳои Ӯзбекистон 53 ҳазор донишҷӯёни кишварҳои хориҷӣ таҳсил гирифтаанд. Дар соли хониши 2022-2023 сафи донишҷӯёни ӯзбекистонӣ дар донишгоҳҳои бонуфузи ИМА ба 1089 нафар расид. Ин ҳама натиҷаи «дипломатияи фарҳангӣ» ва «неруи нарм» аст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**



*Дар арафаи иди 32-солагии ташкилёбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва Рӯзи ҳимоятгарони Ватан дар ноҳияи Урганҷ ба хидматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиа супурдани калиди хонадонҳои нав дар асоси вомӣ ипотека ба онҳое, ки шабу рӯз баҳри осоиштагии мамлакат хидмат мекунанд, туҳфаи арзанда гардид.*

*Дар замини бекорхобидаи кӯчаи Мустақиллики маҳаллаи Ёшлики ноҳияи номбурда бинои 5 ошёнаи замонавӣ қад афрохт. Дар маросими ба истифода супурдани ин бинои муҳташам роҳбари қӯшунҳои округи ҳарбии шимолӣ-ғарбӣ, генерал-майор Фарҳод Шерматов, намояндагони ҳокимиятҳои вилояти Хоразм ва ноҳияҳо, собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳ ва соҳибони хонаҳои нав бо оилаашон иштирок карданд.*

*Хидматчиёни ҳарбие, ки соҳиби хонадон шуданд, миннатдории худро изҳор намуданд.*

***Дар сурат:*** *лавҳа аз чорабинӣ.*

***Аксбардор: Б. САИДОВ (ӮзА).***

# 242 НАФАР ТОҶИК

## ё худ оё «Овози тоҷик» шиносномаи мавҷудияти мо нест?

***Моҳи декабри соли гузашта дар сомонаҳои иҷтимоиву шумораҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» доир ба обуна чандин мақола нашр гардид. Дар бораи соли равон таҷлил шудани 100-солагии рӯзномаи ҷумҳуриявӣ низ хабарҳо дарҷ шуданд. Аз ин рӯ умед буд, ки теъдоди обуна ба он меафзояд. Аммо ин бор ҳам «тушбераро хом шумурда будаем».***

Инак шумораҳои якум ва дуюми «Овози тоҷик» дастраси мардум гардид. Нахуст бо умеди зиёд ба адади нашр чашм давондам. Назар андохтаму боварам намеомад. Чӣ мегӯед, ки он ҳамагӣ 242 адад буд. Дар Ӯзбекистон фақат 242 нафар (?)тоҷики асил будааст... Ҳама аз тоҷик будани худ ифтихор карда ҳарф мезанем:

*Нагуфта надорад касе бо ту кор,*
*Валекин чу гуфтӣ, далелаш биёр.*

Пас чӣ гуна мактабҳои тоҷикӣ баста нашаванд? Зиёда аз панҷ ҳазор омӯзгор бо ҳамин забони шевову гуворо ба шогирдон сабақ меомӯзанд. Онҳо забони модарии худ, «алла»-и модарро фаромӯш кардаанд? Роҳбароне, ки дар муассисаҳои давлатӣ фаъолият доранд, ба куҷо нигоҳ мекунанд? Ба фикрам, онҳо барои мансаб аз забони худ рӯй гардонидаанд. Ин шармандагист! Имрӯз мо ворисони ростини гузаштагони худ нестем. Онҳо дар арсаи таърих барои ин забону миллат корнамоиву ҷонбозиҳо кардаанд. Мо-чӣ? Нафси мо, молу ҷоҳпарастиҳоямон моро ба як хоки сияҳ баробар кардааст. Тоҷикон кӣ буданду имрӯз кистанд? Вой бар ҳоли мо! Аз деҳаи мо, ки қариб чаҳор ҳазор аҳолӣ дорад, 26 нафар ба ин рӯзнома обуна шуданд ва ин кор давом дорад. Ин, албатта, кам аст, вале дар қиёс бо дигар ноҳияву вилоятҳо ҳаргиз натиҷаи бад нест. Тоторҳои Қрим барои он ки рӯзномаашон баста нагардад, ҳар кадом ба 10-20 нусха обуна мешудаанд. Боснияиҳо чунин ақида доштаанд: «Барои он, ки сазовори биҳишт гардӣ, бояд забони форсиро донӣ». Ташаккури зиёд ба кормандони рӯзнома – онҳо бо вуҷуди дастгирӣ наёфтану ҷонибдорӣ накардани соҳибзабонон қаҳрамонона кор мекунанд.

*Чу мебинӣ, ки нобинову чоҳ аст,*
*Агар хомӯш биншинӣ, гуноҳ аст...*

– гуфтаанд. Мо ба ин фармудаи Шайх Саъдӣ амал кардему бас. Боқӣ, Худо инсоф диҳад.

**Сулаймон СОДИҚ,**
**омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 262. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.